8. Необходимо значительно активизировать деятельность Центра стратегических исследований и Научно-исследовательского института государственного управления и государственной службы Академии государственного управления, созданных под эгидой Президента Республики Таджикистан. Указанным научным учреждениям в своей работе следует уделять больше внимания вопросам совершенствования организационных структур и повышения эффективности функционирования государственного аппарата. При таком подходе государственное управление Республики Таджикистан будет отвечать требованиям международных стандартов в условиях глобализации и вызовов современного мира.

## ОСНОВНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ ДИССЕРТАЦИИ ИЗЛОЖЕНЫ В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ АВТОРА:


**Монографии**

[1.А]. Ализода Б.П. История становления государственного управления в Таджикистане (1917-1929) [Текст] / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2020. - 180с.

[2.А]. Ализода Б.П. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015) [Текст] / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2021. –200с.

**Научно-методические пособия, разделы в книгах:**

[3.А]. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Ҷ. Қосимов, Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Б.П. Ализода. – Душанбе: «Офсет», 2012. – 168с.

[4.А]. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: ташаккул ва рушд / А.Д. Ғафурзода, Г.Ҷ. Қосимзода, Ҷ. Н. Ҷамшедов, Х. Нуриддинов, К. Искандаров, Б. П. Ализода ва диг. – Душанбе, 2019. - 224с.

[5.А]. Ализода Б.П. Одоби касбӣ ва муоширати хизматчии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода. – Душанбе, 2005– 61с.

[6.А]. Ализода Б.П. Маводи таълимӣ аз таърихи халқи тоҷик ва ҷаҳон [Матн] /М. Исоматов, Б.Ализода. – Душанбе: «Маориф», 2000.-120 с.

[7.А]. Ализода Б.П. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода, А. Абдухолиқов, Қ. И. Искандаров, А.С. Ниёзов, Ҳ. Нуриддинов. – Душанбе, 2010. – 227с.

[8.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои маърифати экологӣ ва омӯзиши экологӣ дар доираи Конвенсияҳои Рио. (Дастур барои хизматчиёни давлатӣ) [Матн] / Б. П. Ализода, С. Ҳ. Қодиров. – Душанбе, 2010. – 173 с.

[9.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои маърифати экологӣ ва омӯзиши экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б. П. Ализода, С. Ҳ. Қодиров. – Душанбе, 2010. – 86 с.
[10.А]. Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода, Д.К. Дустов, Ҷ. Шарифов ва диг. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 254 с.

**Статьи, опубликованные в ведущих рецензируемых научных журналах и изданиях, указанных в перечне ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образовании и науки России:**

[11. А]. Ализода Б.П. Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони навин [Матн] / Б.П. Ализода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №3/7(214). – Душанбе: Сино, 2016. – С.10-15.
[12. А]. Ализода Б.П. Система государственного управления в Республике Таджикистан: становление и развитие [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №3/7 Қисми1(2017). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2017. – С.92-97.
[13.А]. Ализода Б.П. Такмили идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ). ISSN 2219-5408 №5(72) – Душанбе, 2017. – С.233-237.
[14.А]. Ализода Б.П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар оғози бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №6 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.63-67.
[15.А]. Ализода Б.П. Рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ). ISSN 2219-5408 №4(76), 2018. – Душанбе, 2018. – С.241-247.
[16.А]. Ализода Б. П. Аз таърихи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №8 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.57-61.
[17.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар замони истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №9 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.63-68.
[18.А]. Ализода Б.П. Аз таърихи низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар дар замони Шӯравӣ ва оғози замони Истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №9 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.101-105.

[19.А]. Ализода Б.П. Таҳаввули ташаккули низоми идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №1 (2019). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2019. – С.84-88.
[20.А]. Ализода Б.П. Ташаккули мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №6(83), 2019. – Душанбе, 2019. – С.217-222.
[21.А]. Ализода Б.П. Ценный документ государственности Ariyānām Xšaçam– «Арийской империи» [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№1 (2020). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С.69-74.
[22.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои ташаккул ва рушди мақомоти идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№3 (2020). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С.43-47.
[23.А]. Ализода Б.П. Таҳаввули низоми идоракунии давлатӣ дар кишвари Туркистон дар охири асри XIX-ибтидои асри XX [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №1(84), – Душанбе, 2020. – С.207-211.
[24.А]. Ализода Б.П. Государственное управление в Таджикистане: становление, реформа и совершенствование [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№9 (2020). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С.35-40.
[25.А]. Ализода Б.П. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир – ҳуҷҷати арзишманди давлатдории аҳди бостон [Матн] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/. №3 (43). – Душанбе, 2019. – С.45-53.
[26.А]. Ализода Б.П. Из истории становления и развития государственного управления на территории исторического и современного Таджикистана [Текст] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651/ №4/2 (49). – Душанбе, 2020. – С.261-271.
[27.А]. Ализода Б.П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №4 (48). – Душанбе, 2020. – С.57-64.
[28.А]. Ализода Б. П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ дар кишвари Туркистон[Матн] / Б.П. Ализода. //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №4 (44). – Душанбе, 2019. – С.19-27.

[29.А]. Ализода Б.П. Ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651(Print) ISSN 2709-8567(Online), / №1 (50). – Душанбе, 2021. – С.157-163.
[30.А]. Ализода Б.П. Ташаккул ва фаъолияти Шӯрои комиссарони халқӣ ва мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №2 (91). – Душанбе, 2021. – С. 221-226.
[31.А]. Ализода Б.П. Ташаккул ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Б. П. Ализода. // Муаррих. – Душанбе, 2021. № 3 (25) – С.77-83. ISSN 2789294-8.
[32.А]. Ализода Б.П. Такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Қ. Искандаров, Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651(Print) ISSN 2709-8567(Online), №4/1 (53). – Душанбе, 2021. – С.177-183.

**Работы, опубликованные в других изданиях:**

[33.А]. Ализода Б.П. Ҷанбаҳои этикии идоракунии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2006. №3.- С.95-106.
[34.А]. Ализода Б. П. Таърихи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон [Матн] Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ(маҷаллаи илмӣ).–Душанбе, 2007.№3.–С.30- 42.
[35.А]. Ализода Б.П. Перспективы развития информационных технологий и информатизации госслужбы [Текст] / Б.П. Ализода, М. Т. Абдиева. // Вестник Академии управления при Президенте Кыргызской Республики. – Бишкек, 2008. №7. – С. 84-91.
[36.А]. Ализода Б. П. Сарварии сиёсӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе, 2009. №1. – С. 29-36.
[37.А]. Ализода Б. П. Интихобот ва технологияҳои муосири маъракаи интихоботӣ [Матн] / Н.А. Ғафорова, Б. П. Ализода // ДТИХД ҶТ(маҷ. илмӣ). – Душанбе, №3, 2009. – С.21-33.
[38.А]. Искандаров Қ. Таълимоти Имоми Аъзам дар бораи давлат ва давлатдорӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Б.П. Ализода // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе, 2010. №1(13). – С. 25-32.
[39.А]. Ализода Б. П. Дипломатия ва этикети дипломатӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми ДТИХД ҶТ(маҷаллаи илмӣ), №1, 2010. С.27-36.
[40.А]. Ализода Б. П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми ДТИХД ҶТ (маҷаллаи илмӣ), ISSN 2079-6919 №3, – Душанбе, 2010. –С.10-19.
[41.А]. Ализода Б. П. Масоили поквиҷдонӣ дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода // Масъалаҳои рӯзмарраи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ (Маводҳои

конференсияи I Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 15-16 октябри соли 2009. – Душанбе, 2010-268с. – С.257-268.
[42.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода, Р.З. Ҷӯраев // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ)– Душанбе, 2010. №2 (14). – С.151-160.
[43.А]. Ализода Б. П. Парчами миллӣ-рамзи давлату давлатдорӣ [Матн] / Б.П. Ализода, Р.З. Ҷӯраев // Паёми ДТИХД ҶТ.– Душанбе, 2011. №1. – С. 2-9.
[44.А]. Ализода Б. П. Государственная политика Республики Таджикистан по формированию национального единства в стране: достижения и перспективы [Текст] / Б.П. Ализода // Вестник Академии управления при Президенте Кыргызской Республики. – Бишкек, 2011. №14. – С.49-53.
[45.А]. Ализода Б. П. Ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат (Маводҳои конференсияи II Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 23-24 сентябри соли 2010). –Душанбе, 2011.-268с. – С.85-91.
[46.А]. Ализода Б. П. Такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: назария, амалия ва инноватсия (Маводҳои конференсияи III Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 10-11 ноябри соли 2011). – Душанбе: «Ирфон», 2012. –225с. – С. 56-60.
[47.А]. Ализода Б. П. Марҳилаҳои ташаккул ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони навин [Матн] / Б.П. Ализода // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2014. №1. – С.130 -138.
[48.А]. Ализода Б. П. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. –Душанбе, "матбааи Донишгоҳи милии Тоҷикистон". 2019. – С. 226-236.
[49.А]. Ализода Б. П. Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо сохторҳои ҷомеаи шахрвандӣ омили муҳими рушди ҷомеа [Матн] / Б.П. Ализода // Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шахрвандӣ (Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, –Душанбе, 16-17 октябри 2014) . 2015. – С.55-62.
[50.А]. Ализода Б. П. Проблемы и пути реализации Национальной стратегии развития Таджикистана на 2030 годы [Текст] / Б.П. Ализода // Стратегическое управление: теория, практика и проблемы: материалы XVII Межрегиональной научно-практической конференции 17 января 2020 г. –Владимир. 2020. – С. 9-14.
[51.А]. Ализода Б. П. Становление правовых основ государственной службы и правовой культуры в Республике Таджикистан [Текст] / Б.П.

Ализода // Ученые записки. Научно-практический журнал РАНХиГС. №1(33). –Владимир, 2020. – С.17-23.
[52.А]. Ализода Б. П. Эмомалӣ Раҳмон-асосгузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар замони Истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Такмили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ: таҷрибаи байналмилалӣ ва кишварҳои ИДМ”. – Душанбе, 2019. – С.100-114.
[53.А]. Ализода Б. П. Такмили идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода //Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байнал-милалӣ дар мавзӯи “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он”, 5-6 марти соли 2021. –Душанбе, 2021. – С. 247-252.
[54.А]. Ализода Б. П. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ислоҳот ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / Б.П. Ализода // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. –Душанбе: “Фасл-4”, 2021. – С.54-73.
[55.А]. Ализода Б. П. Татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлоли кишвар [Матн] / Б.П. Ализода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ” 21-23 апрели соли 2021; –Душанбе, 2021. – С.37-44.
[56.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Маводи Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябр), –Душанбе, 2021. – С.81-94.
[57.А]. Ализода Б. П. Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экология [Матн] / Б.П. Ализода // Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 ноябри соли 2021. –Душанбе. – С.83-92.

**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

УДК: 354 (573.3) (09)
ББК: 66.4 (0): 63(2 Т)
А-50

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**АЛИЗОДА БАҲРИДДИНИ ПИРМУҲАММАД**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН (солҳои 1917-2015)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси – 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

**Душанбе – 2022**

**Рисолаи илмӣ дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.**

**Мушовири илмӣ:** **Искандаров Қосимшо,** доктори илмҳои таърих, дотсент, саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Латипов Ҷура Латипович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Набизода Ваҳҳоб Машраб,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Абдуллоев Маҳмуд Холович,** доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

**Муассисаи тақриздиҳанда:** **Донишгоҳи давлатии Тоҷикӣ – Русӣ (Славянӣ)**

Ҳимояи диссертация «___» ________ соли 2022 соати __ __ дар ҷаласаи шӯрои диссертасионии 6D. КОА-035 оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар назди Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар нишонии: 734025,ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи Марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи милии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва дар сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www institute-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат фиристода шуд «_____» _________ с. 2022

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор А. Раҷабов

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот**. Таърихи ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ба мисли кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ аз аҳди бостон оғоз гардида, бо таърихи ташаккул ва рушди давлатдории тоҷикон пайванди ногусастанӣ дорад. Дар айни замон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бунёди фаъоли давлатдории миллӣ амалӣ мегардад, ки он дар шароити хеле мураккаби ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳо ба инсоният дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда сурат мегирад.

Бо назардошти ин, омӯзиши таҷрибаи бойи ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ аҳаммияти арзишманду махсус дорад. Мубрамияти чунин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳлили таҳаввулоти низоми идоракунии давлатӣ нафақат аз нигоҳи таърихӣ, балки аз нигоҳи сиёсӣ, маънавӣ ва сотсиологӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳкими соҳибихтиёрӣ ва рушди устувори давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир дар бисёр маврид аз рӯйи муносибати шаҳрвандони он, насли ҷавон ба таърихи миллати хеш, ба фарҳанги худ, ба таҷрибаи ниёгони хеш муайян мегардад.

Вабаста ба ин, дар солҳои соҳибихтиёрии кишвар рағбати олимони тоҷик – таърихшиносон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, файласуфон, иқтисодчиён ба омӯзиши масъалаҳое, ки бо таърихи ташаккули идоракунии давлатӣ дар сарзаминҳое, ки халқи тоҷик таърихан зиндагӣ мекард ва ба давлатдории муосир алоқамандӣ доранд, хеле афзуд.

Оғози ташаккули давлатдории шӯравии халқи тоҷикро аз бунёди давлати Шӯравӣ дар Бухоро ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) аз моҳи сентябри соли 1920 метавон ҳисоб кард. Тавре маълум аст, қисми зиёди аҳолии ҶХШБ, махсусан минтақаи Бухорои Шарқиро таърихан тоҷикон ташкил мекарданд ва асосгузорони шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ низ, дар Бухоро асосан тоҷикон буданд.

Дар моҳи октябри соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил ёфт ва моҳи октябри соли 1929 ба ҷумҳурии мустақили иттифоқӣ табдил дода шуд. Аммо сохтори ҳокимият дар Тоҷикистон тағйир наёфт. Мисли пешин мақомоти олии идоракунии давлатӣ Анҷумани Шӯроҳо, КИМ-и Шуроҳо ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон боқӣ монданд, вале мақоми ин сохторҳои ҳокимият тағйир ёфт, тобеияти дузинагии онҳо аз байн рафт ва мақомоти олии ҳокимият дар ҷумҳурӣ мустақиман ба мақомоти ҳокимияти давлати ИҶШС итоат мекарданд. Чунин шакли идоракунии давлатӣ бо баъзе тағйиротҳо то соли 1990 вуҷуд дошт.

Дар замони Истиқлол барои дастёбӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ мақомоти олии намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти сохторӣ дучор омаданд. Қабули Конститутсия дар соли 1994 барои оғозиислоҳоти сохторҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, ҳалли вазифаҳои марбут ба такмили сифати фаъолияти кулли дастгоҳи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Аз нигоҳи муаллиф муҳиммияти таҳқиқоти пешниҳодгардида ҳамчунин аз он бармеояд, ки дар илми таърихнигорӣ низоми идоракунии давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ва муосир, хусусиятҳои фаъолияти он дар солҳои мазкур дар сатҳи зарурӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Ин далелҳо боиси интихоби мавзуи таҳқиқоти мазкур гардиданд. Ин яке аз аввалин кӯшишҳо оид ба таҳлили ташаккул ва рушди низоми идоракунии давлатӣ аз ибтидои асри XX ва то замони ҳозира мебошад.

Агар мушаххасан гӯем муҳиммияти рисолаи мавриди назар бо омилҳои зерин тасдиқ карда мешавад:

**якум,** дарки раванди ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон бе таҳлили манбаҳо ва таҳаввули ниҳодҳои он ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, муайянсозӣ ва омӯзиши онҳо аҳаммияти арзишманд доранд;

**дуюм,** маҳз дар ибтидои марҳилаи ташаккули Ҳокимияти советӣ ва бунёди ҶМШС Туркистон ва Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) шаклҳои нави идоракунии давлатӣ ташкил гардиданд, ки барои бунёди мақомоти Тоҷикистони Шӯравӣ асос гардиданд. Бо назардошти ин, таҳлили ин шаклҳои идоракунӣ барои баррасии амиқи усулҳои идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистони давраи шӯравӣ мусоидат мекунад;

**сеюм,** дар адабиёти таърихии ватанӣ ва хориҷӣ масъалаҳои ташаккули идоракунии давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон хеле кам мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва таҳқиқи пурра ва ҳаматарафаро талаб мекунад;

**чорум,** омӯзиши таърихи идоракунии давлатӣ дар замони шӯравӣ нисбатан самарабахш мешавад, ки агар он бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолат муқоисаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони шӯравӣ ва замони муосир дар назар дошта мешавад. Бо назардошти ин, таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба фаъолияти мақомоти идоракунӣ дар ин соҳаҳо дода шуд. Ин имкон медиҳад, ки вазифаҳои муҳимми онҳо барои такмили фаъолияти минбаъдаи онҳо бо мақсади таъмини нисбатан самарабахши фаъолияти низоми идоракунии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои муосири инсоният муайян карда шаванд;

**панҷум,** дар шароити Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳоле, ки дастрасӣ ба маводи махфии бойгонӣ имконпазир гардид, муҳиммияти

таҳқиқи ҳуҷҷатҳое, ки ба фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар ҷумҳурӣ алоқамандӣ доранд, афзуд. Омӯзиши онҳо ба бисёр масъалаҳои то ҳол ҳалнашуда рӯшанӣ меандозад;

**шашум,** ҳарчанд дар раванди таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон рисолаҳои зиёди таърихӣ талиф ва нашр гардидаанд, вале масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ ва мақомоти он то ҳол мавриди омӯзиши амиқ ва маҷмуӣ қарор дода нашудаанд. Дар рисолаи диссертатсионии хеш кӯшиш ба харҷ додем, ки ин холигииро пурра гардонем.

Дар асоси андешаҳои баёнгардида, метавон тасдиқ кард, ки омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар тамоми ҷанбаҳояш хеле муҳим мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши илмии масъала.** Дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ масъалаи ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар давраи нав ва навин мавзуи таҳқиқи махсус қарор дода нашудааст.

Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои таърихи идоракунии давлатӣ то андозае дар корҳои илмии давраҳои мухталиф мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Барои таснифи муфассал ва шарҳи адабиёти илмии мавҷуда вобаста ба мавзуи асосии таҳқиқот ва робитаи онҳо ба мавзуи мавриди назар муаллиф зарур донист, ки масъалаҳои таърихнигориро дар параграфи алоҳида дар боби якуми рисола шарҳу эзоҳ диҳад. Дар сарсухан фақат тавзеҳоти умумӣ дар бораи муаллифон ва баъзе корҳои нисбатан муҳим маъумот дода шудааст.

Масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар давраи барпо намудани Ҳокимияти шӯравӣ қисман дар корҳои чунин олимон-таърихнигорони шӯравӣ ва муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: Р.А. Абулхаев, А.М. Ғафуров, Д. М. Зоиров, М. И. Иркаев, Б. Искандаров, А. И. Ишанов, Т.Р. Каримов, Т.В. Каширина, А. Маҷлисов, Р.М. Масов, К. Митюкова, В. М. Набиев, М. В. Николаева, Ю. А. Николаев, Х. Пирумшоев, С. А. Раҷабов, А. Ш. Розиқзода, Д. Фанян, Н.Б. Ҳотамов, Я. Шарипов, Ю. Яқубов ва диг.

Ғайр аз ин, баъзе ҷанбаҳои таърихи ташаккули мақомоти идоракунии давлатӣ нисбатан муфассал дар китоби бисёрҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик” (“Истории таджикского народа») мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар осори чунин олимон, аз қабили З. Ализода, Ф.М. Абдурашитов, И.Б. Буриев, Ф.Ш. Ҷӯраев, А.И. Имомов, А.А. Класс, Б.Т. Қобилова, С.Р. Муҳиддинов, М.А. Набиев, Н.Д. Назаров, Н.Т. Раҳимов, Б.М. Раззоқов, А.Ғ. Холиқов ва диг., масъалаҳои ташаккули давлатдорӣ ва давлатсозӣ дар Тоҷикистон мушаххасан, вале на аз мавқеи муносибати маҷмуӣ, балки дар доираи муайян таҳлил гардидааст.

Дар замони Истиқлол дар Тоҷикистон соҳаҳои мухталифи давлатдорӣ ва ҳаёти ҷамъиятии кишвар ҳамчунин мавзуи омӯзиши олимон Ф.М. Абдурашидов, Р.А. Абулҳаев, Р.С. Бобохонов, А.М. Ғафуров, Ҷ. Н. Ҷамшедов, Қ. Искандаров, К.М. Каримов, Ҷ. А. Мирзоев, В.М. Набиев, Т.Н. Раҳимов, А. Саидов, И.А. Пирназаров, Х. Пирумшоев, Н. К. Убайдуллоев, И. Усмонов, Н.Б. Хотамов, А. Шарифзода ва муаллифони дигар гардидааст, ки баъзе ҷанбаҳои ташакул ва рушди идоракунии давлатиро дар замони шӯравӣ ва давраи истиқлоли кишвар мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Ҳамзамон, дар доираи мавзуи таҳқиқоти мазкур мақолаҳо, маърӯзаҳо ва Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус ҷудо намудан мумкин аст, ки масъалаҳои ташаккули идоракунии давлатӣ ва давлатдорӣ, масоили таҳкими соҳибихтиёрӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷи Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудошнашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, барои рушди минбаъдаи кишвар аҳаммияти муҳим доранд.

Гуруҳи алоҳидаро осори дастаҷамъӣ, аз қабили “Таърихи халқи тоҷик” («История таджикского народа») дар 6 ҷилд, «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» (“Очерки истории независимого Таджикистана”), «Бунёди давлатдории навин», “Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” “Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар осори алоқаманд ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти муаллиф ҳамчунин предмети таҳлил қарор доштанд, вале онҳо дар доираи омӯзиши умумӣ баррасӣ гардиданд.

Дар маҷмуъ дараҷаи коркарди мавзуъ дар параграфи дуюми боби якуми рисола муфассал таҳлил гардидааст (ниг. поён).

**Робитаи кор бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзуъҳо.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалисозии нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2018 дар мавзуи “Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд” ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 дар мавзуи “Масъалаҳои актуалии таърих ва фарҳанги идоракунии давлатӣ ва сотсиология, асосҳои назариявӣ ва амалии илмҳои иҷтимоӣ-гумантарӣ” иҷро гардидааст.

## II. ТАВСИФИ УМУМИИ РИСОЛА

**Мақсади тадқиқот.** Ҳадафи асосии рисолаи диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи проблемаҳои ташаккул, рушд ва такмилдиҳии идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар давраи Ҳокимияти шӯравӣ ва дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Вазифаҳои тадқиқот:** 1) омӯзиши раванди ташкилёбӣ ва рушди идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) таҳлили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар раванди ташаккули Ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон; 3) ошкор ва тавсиф намудани хусусиятҳои хоси таҳкими идоракунии давлатӣ дар марҳилаҳои аввали ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон; 4) таҳқиқи раванди ташкилёбии сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шаклҳо ва усулҳои идоракунии ҷумҳурӣ дар солҳои 30-юми асри гузашта ва фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), ҳамчунин дар давраи барқарорсозии хоҷагии халқ ва дар давраи минбаъдаи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ; 5) муқоисаи шаклҳои ташкилӣ- ҳуқуқии фаъолият, робитаҳои мутақобилаи идоракунии давлатии Тоҷикистон бо мақомоти дахлдори СССР ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ; 6) баррасии масъалаҳои таҳкими сохторӣ, ҷараёни рушди мақомоти идоракунӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир, бо дарназардошти ҷанбаҳои мусбию манфӣ дар фаъолияти онҳо; 7) баҳогузорӣ ба самаранокии таъсири қонунгузориҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ташкил ва фаъолияти низоми идоракунии давлатиро дар давраи тадқиқот ба танзим медароранд; 8) таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар гардидани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Навгониҳои илмии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар рисола:

– раванди ташкилёбӣ ва рушди идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таърихи навтарин инъикос меёбад;

– даврабандии раванди ташкилёбӣ ва рушди идоракунии давлатӣ дар давраи Ҳокимияти шӯравӣ ва дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд;

– дар доираи афкори таърихӣ ва ҳуқуқӣ проблемаҳои ташкилёбии давлатдорӣ ва такмили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар давраи гузариш муфассал ва ба таври умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;

– самтҳо, шаклҳо ва усулҳои асосии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули давлатдории миллӣ таҳлил карда шудаанд. Дар ин маврид муносибати маҷмӯӣ оид ба инъикоси бисёр проблемаҳои аз мавқеи илмии таърихӣ таҳлилшаванда истифода бурда шудаанд;

– қонуниятҳои воқеии ташаккул ва рушди мақомоти идоракунӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, шӯравӣ ва мустақил ошкор ва таҳқиқ карда шудаанд;

– дар заминаи санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ ва манбаъҳои ҳуҷҷатӣ дар дурнамои таърихӣ масъалаҳои ташкилёбӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон, аз лаҳзаҳои дар ҳудуди он барпо карда шудани низоми шӯравии идоракунӣ то замони муосир, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд;

– бо истифодаи доираи васеи сарчашмаҳо, маводи бойгонӣ ва адабиёти махсуси илмӣ тамоми маҷмӯи тағйироти сифатӣ, ки дар раванди ташкилёбии идоракунии давлатӣ ва фаъолияти низоми мақомоти идоракунии Тоҷикистон ба амал омадаанд, таҳлил карда шудаанд;

– дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои гуногун ва интишороти илмии олимони шинохтаи шӯравӣ, ватанӣ ва хориҷӣ саҳми роҳбарияти олии ҷумҳурӣ (давраи ҳокимияти шӯравӣ ва замони истиқлолият) дар рушди Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳбарӣ ба рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд;

– раванди табдилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ- аз роҳбарии ҳизбии шӯравӣ то шакли идоракунии президентӣ, ҳамчунин тағйироте, ки дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ба амал омадаанд ва мансуб ба вазифаю супоришҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошанд, ҳамчунин таҳдидҳои муосири инсоният баррасӣ мешаванд;

– муносибати байниилмӣ ба ҳалли проблемаҳои дар назди муаллиф гузошташуда истифода бурда шудааст. Дар раванди тадқиқот таваҷҷуҳ на фақат ба таърихи идоракунии давлатӣ, балки ҳамчунин ба таърихи давлат ва ҳуқуқ равона карда шудааст;

– омилҳо ва шароитҳои фаъолияти самарабахши идоракунии давлатӣ ба шакл даровarda, тасниф карда шудаанд; мафҳумҳои назариявии мансуб ба ташкилёбӣ ва фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ҷамъбаст ва мураттаб карда шудаанд;

– муҳиммияти дар ҳаёт татбиқ намудани усулҳои навгонии (инноватсионии) идоракунии давлатӣ ҳамчун механизми муҳими баамалбарории вазифаҳои асосии давлат таҳлил ва исбот карда шудааст;

– истифодаи менеҷменти нави давлатӣ ва беҳтарин дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти самарабахши дастгоҳи давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳои муосири инсоният барои таҳкими истиқлолияти кишвар ва раванди ташкили давлатдории миллӣ асоснок карда шудаанд.

**Муҳиммияти назариявӣ ва илмӣ-амалии рисола.** Тадқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида фазои холии мавҷударо дар соҳаи омӯзиши таърих ва маъхазҳои таърихӣ оид ба ташкилёбии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ дар ҳудуди Тоҷикистон (давраҳои тошӯравӣ, шӯравӣ ва муосир) пурра мегардонад. Маводҳо ва хулосаҳои тадқиқотро дар раванди таълифи мавзӯъҳои хулосавии илмӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва махсусан оид ба таърихи идоракунии давлатӣ дар давраи навин истифода бурдан мумкин аст. Хулосаҳои дар натиҷаи тадқиқот ҳосилнамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки таҷрибаи таърихии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили низоми идоракунии давлатӣ таҷдиди назар карда шавад. Баъзе тавсияҳои дар раванди тадқиқот таҳиягардидаро дар таҷрибаи корҳои мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Ин тавсияҳо махсусан бо дарназардошти талаботи нави таърихӣ, ки дар назди мақомоти номбурда баъди истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани ҷумҳурӣ гузошта шудаанд, муҳим аст.

Маводи диссертатсияро ҳамчунин метавонанд дар раванди таълимӣ омӯзгорон, донишҷӯён, магистрантҳо ва шунавандагони курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

Хулосаҳои диссерататсия ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ барои таърихшиносон, ҳуқуқшиносон ва сиёсатшиносон манфиатбахш хоҳанд буд. Раванди ташкилёбӣ ва рушди идоракунии давлатӣ дар ҷумҳуриҳои шӯравӣ дар давраи мавҷудияти ҳокимияти шӯравӣ мустақиман бо ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатии Россия ва умуман мақомоти давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ мувофиқат мекунад.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин баъзе тавсияҳо оид ба такмили сохторҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд. Ин тавсияҳо қабл аз ҳама ба корҳои азнавтайёркунии кормандони роҳбарикунандаи мақомоти идоракунии давлатӣ ва низоми интихоби номзадҳо ба вазифаҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар асоси талаботи меритократия (шоистасолорӣ) дахл дорад.

**Объекти** тадқиқоти диссертатсионӣ таърихи таҳаввулоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1917-2015 ба шумор меравад.

**Мавзӯи тадқиқот** раванди ташкилёбӣ, рушд ва такмили низоми идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар давраи ҳокимияти шӯравӣ ва дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** дар масъалаҳои зерин ифода меёбад:

1) рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилонаи маҷмӯии илмиро, ки ба таҳлили проблемаҳои ташкилёбӣ, рушди идоракунии давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ дар Тоҷикистон дар давраи ҳокимияти шӯравӣ ва дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, дарбар мегирад.

2) натиҷаҳои илмии тадқиқот, бо фарогирии хулосаҳои назариявӣ, дастурҳои асосии барои дифои рисола пешниҳодгардида, тавсияҳои амалӣ, шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия ва асоснок карда шудаанд;

3) хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертант дорои аҳамияти амалӣ мебошанд. Истифодаи онҳо метавонад ба ташкили фаъолияти боз ҳам самарабахши мақомоти давлатӣ дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоби кадрҳои хизмати давлатӣ дар асоси меритократия (шоистасолорӣ) ва таҳкими давлатдории тоҷикон дар шароити истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мусоидат намояд.

Рисолаи диссертатсионӣ натиҷаи самараи фаъолияти илмии бисёрсолаи муаллиф ба шумор меравад.

**Соҳаи тадқиқот.** Диссертация дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2015)» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои таърих ба паспорти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00. 02- таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

**Марҳилаҳои тадқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионӣ давраи аз соли 1917 то соли 2015-ро дар бар мегирад.

**Ба ҳимоя муқарароти зерин пешниҳод мегардад:**

1. Хусусиятҳои хоси рушди таърихии Осиёи Марказӣ ба раванди ташкилёбӣ ва таҳаввулоти идоракунии давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ таъсири муайян расонд.

2. Раванди ташкилёбӣ ва рушди идоракунии давлатӣ дар давраи ҳокимияти шӯравӣ ва дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муайянро аз сар гузаронидааст. Бо дарназардошти ин, даврабандии раванди ташккулёбии идоракунии давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони шӯравӣ ва Тоҷикистони муосир дорои аҳамияти махсус мебошад.

Марҳилаи аввали ташаккули низоми нави идоракунии давлатӣ ба солҳои 1917- 1924 рост меояд, ки онро ба ду давра тақсим кардан мумкин аст:

– дар солҳои 1917-1924 дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва дар Помир, ки дар солҳои 1918- 1924 ба ҳайати ҶМШС Туркистон шомил гашта буд, низоми нави идоракунии давлатӣ - идоракунии давлатии шӯравӣ ташкил ёфт;

– давраи ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) ва фаъолияти он дар Бухорои Шарқӣ дар шароити мавҷудияти Комиссияи

фавкулоддаи диктаторӣ (КФД). Давраи аз соли 1920 то соли 1924-ро ҳамчун марҳилаи пайдоиши низоми сотсиалистии идоракунии давлатӣ дар ташкилёбии давлатдории сотсиалистии шӯравии тоҷик дар асоси нахустин Конститутсияи ҶХШБ метавон арзёбӣ намуд;

– марҳилаи дувум дар рушди низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶМШС Тоҷикистон – солҳои 1924- 1929. Ин марҳила давраи устувор гардидани ҳокимияти шӯравӣ, ташкилёбӣ ва фаъолияти Кумитаи Инқилобӣ (КИ) ва мақомоти идоракунии он, Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) Шӯроҳо ва Шӯрои Комиссарони Халқии (ШКХ) ҶМШС Тоҷикистон ба шумор меравад.

– марҳилаи сеюми рушди низоми идоракунии давлатӣ – солҳои 1929- 1936, яъне ин давраи мавҷудияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то қабули Конститутсияи нави Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёбад. Дар ин солҳо табдилдиҳии мақомоти олии ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон идома ёфта, доираи фаъолияти онҳо оид ба роҳбарии рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ васеъ мешавад;

– марҳилаи чорум – солҳои 1937- 1991 дар рушди низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон аз рӯйи гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ тавсиф карда мешавад ва ду давраро дар бар мегирад:

– дар солҳои 1937-1977 низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии ҶШС Тоҷикистон такмил дода шуд;

– дар солҳои 1978-1991 дар натиҷаи ислоҳоти охирини конститутсионӣ дар СССР ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ такмили минбаъда ва навсозии низоми идоракунии давлатии ҶШС Тоҷикистон идома ёфтанд;

– марҳилаи панҷум дар рушди низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 1991- 2015 рост меояд. Ин марҳиларо ба давраҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

– солҳои 1991–1994 – ба шароити нави таърихии истиқлолияти давлатӣ мувофиқ гардонидани низоми идоракунии давлатӣ;

– солҳои 1994 – 2015, ислоҳоти конститутсионӣ, дигаргуниҳои сохторӣ ва рушди низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Дар давраи ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ва ба ҷумҳурии алоҳидаи иттифоқӣ дар ҳайати СССР табдил додани он, бо таъсиси мақомоти идоракунӣ раванди ташаккули низоми тайёрии кадрҳо барои дастгоҳи давлатии ҷумҳурӣ шурӯъ гардид;

4. Дар давраи мавҷудияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1929- 1991) нақши мақомоти идоракунии давлатӣ дар роҳбарии рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ хеле афзоиш ёфт, ки ҳолати мазкур ба оқибатҳои ҳам хеле мусбӣ ва ҳам манфӣ оварда расонд. Бо вуҷуди ин, дар

солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бахусус дар солҳои 60-80-уми асри XX Тоҷикистони Шӯравӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардид, ки ин нишондиҳанда самараи фаъолияти пурмаҳсули роҳбарияти ҷумҳурӣ ва умуман дастгоҳи давлатӣ ба шумор меравад.

5. Дар натиҷаи бозсозии ҷамъияти Шӯравӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон дигаргуниҳои қатъӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ аз идоракунии ҳизбӣ даст кашид, ба Конститутсияи амалкунандаи ҷумҳурӣ тағйироту иловаҳо ворид гардида, бори нахуст дар низоми идоракунии ҷумҳурӣ шакли идоракунии президентӣ ҷорӣ карда шуд. Дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади  ноил гаштан ба сулҳу оштӣ ва ягонагии миллӣ шакли идоракунии президентӣ муваққатан боздошта шуд ва фақат баъди қабули Конститутсияи нав (1994) ин шакли идораи давлатӣ ҳамчун сохти идоракунии самараноки давлатӣ барқарор гардид ва он то имрӯз амал менамояд.

6. Ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1999 ва дар соли 2003 ва ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар барои такмили минбаъдаи идоракунии давлатӣ ва рушди хизмати давлатӣ дар кишвар асоси мустаҳками ҳуқуқӣ гузошт.

7. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо қабул карда шуданд. Дар натиҷаи татбиқи ҳуҷҷатҳои номбурда ва таҷдиди сохтории мақомоти идоракунӣ, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ хеле самарабахш гардиданд ва ҷумҳурӣ дар рушди соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ ба комёбиҳои бузург ноил гардид.

8. Хизмати давлатӣ механизми муҳимми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозии ниҳоди хизмати давлатӣ  нишондиҳандаи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ба шумор меравад, ки идоракунии давлатиро ба амал мебароранд. Моҳияти инистититути хизмати давлатӣ дар он ифода меёбад, ки хизмати давлатӣ наметавонад берун аз давлат ва мақомоти идоракунӣ ба амал бароварда шавад.

9. Дар шароити соҳибихтиёрии  давлатӣ татбиқи самаранок ва шаффофи татбиқи технологияҳои кадрӣ, аз ҷумла  аутсорсинг (интихоби шартномавии кадрҳо) ва муносибати шоистасолорӣ (меритократӣ) дар сиёсати кадрӣ барои ҷорӣ намудани  стандартҳои ҷаҳонӣ дар идоракунии давлатии кишвар нақши муҳим мебозанд.

10. Ҷорӣ намудан ва татбиқи усулҳои инноватсионии идоракунии давлатӣ дар раванди фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва дар маҷмуъ мақомоти идоракунӣ ҳамчун фишанги муҳимми татбиқи вазифаҳои асосии

давлат мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои замони муосир барои таҳкими истиқлолияти кишвар ва рушди раванди ташккули давлатдории миллӣ истифодаи менеҷменти нави давлатӣ ва дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти самарабахши дастгоҳи давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** бо маълумоти аниқ, ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ ва интишороти дахлдор асоснок карда мешавад. Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлили амиқи назариявӣ-амалии проблемаҳои пешниҳодгардида ва хулосаҳои илман асоснок тасдиқ карда мешаванд.

**Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муаллиф бо истифодаи маводи мукаммал корҳои зеринро анҷом додааст:

– дар раванди таълим силсилаи лексияҳоро дар доираи фанни таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёне, ки дар зинаи бакалаври Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, таҳия ва пешниҳод намудааст;

– силсилаи лексияҳоро оид ба фанни таърихи идоракунии давлатӣ барои магистрантҳои Академияи номбурда аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» таҳия ва тадрис менамояд;

– модули таълимиро дар мавзӯи «Ташаккули Тоҷикистон ва низоми идоракунии он» барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ таҳия намуда, дарс мегузаронад;

– машғулиятҳои лексионӣ ва амалиро аз фанни «Таърихи идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон» барои донишҷӯёни таҳсилоти дуюми ихтисоси «доракунии давлатӣ» таҳия ва амалӣ менамояд.

Мазмуни асосии рисола дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳое нашр гардидаанд, ки ба номгӯи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ворид карда шудаанд. Дар доираи мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 56 рисолаи илмӣ, аз ҷумла 2 монография, 8 китоб (бо ҳаммуаллифӣ), 22 мақолаи дар маҷаллаҳои ба номгӯи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда воридшуда ва 25 мақолаи дар нашрияҳои мухталиф дарҷгардида ба табъ расонидааст. Натиҷаҳои илмӣ ҳамчунин дар маърӯзаҳои илмии диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байни макотиби олӣ, ки дар шаҳрҳои Москва, Душанбе, Остона, Бишкек, Минск, Орёл, Владимир ва ғайра доир гардидаанд, баён гардидаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси муштараки васеи кафедраҳои фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ, дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ (05 майи соли 2021, протоколи №9), дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 октябри соли 2021, протоколи №3), муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудаст. Ҳамзамон рисола дар шуъбаи таърихи навини халқи тоҷики Институти таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносии Академияи милии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (17 декабри соли 2021, протоколи №10), арзёбӣ гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудаст.

**Сохтори рисола ва ҳаҷми он.** Рисолаи диссертатсионӣ дар 404 саҳифаи матни компютерӣ сабт шуда, аз сарсухан, панҷ боб, 15 параграф, хулоса, феҳристи сарчашма ва адабиёти истифодашуда, инчунин замима иборат аст. Феҳристи сарчашма ва адабиёти илмии истифодашуда 559 номгӯйро дар бар мегирад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши рисола, мақсад ва вазифаҳои он муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор қайд гардида, навгонии он далелнок шуда, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешбинӣ шуда, саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзуъ инъикос ёфта, маълумот дар бораи татбиқи натиҷаҳои рисола ва сохтори он муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **– «Таърихнигорӣ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот» –** се параграфро дар бар мегирад.

Дар параграфи якум – «**Таърихнигории масъалаи илмӣ»** – дараҷаи коркарди илмии мавзуъ муфассал таҳлил гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ташаккул ва рушди низоми идоракуни давлатии Тоҷикистон – аз лаҳзаи дар ҳудуди он ташаккул ёфтани ҳокимияти шӯравӣ то лаҳзаи ба даст овардани соҳибихтиёрӣ давраи нисбатан тӯлониро дар бар мегирад. Дар ин параграф таваҷҷуҳи диссертант ба омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоқикистони тоинқилобӣ, давраи бунёди давлати шӯравӣ, баъдан дар ҶМШС Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон ва замони истиқлол равона гардидааст. Бо ин мақсад муаллиф ба ҳайси заминаи иттиллотӣ ҳуҷҷатҳои муҳимтарини расмии марбут ба таърихи Тоҷикистони давраи шӯравӣ ва замони истиқлоли кишвар аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (махсусан ҳуҷҷатҳои марбут ба ислоҳоти идоракунии давлатӣ), фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кадааст, истифода намудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҷанбаҳои мухталифи таърихи идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар корҳои илмии давраҳои гуногун таълифгардида баррасӣ гардидаанд, барои ҳамин муаллиф имконпазир ҳисобид, ки осорҳои баррасишавандаро аз рӯйи мавзуъ ва мазмун тасниф

намояд. Дар баробари ин, дар осори таҳқиқшаванда то кадом андоза робита доштанни он ба масъалаи идоракунии давлатӣ ба инобат гирифта шудааст. Ба андешаи муаллиф аз рӯйи мавзуъ ва мазмун тасниф кардани осори таҳқиқшаванда барои коркарди таърихнигории мавзуи диссертатсия ба мақсад мувофиқ аст.

Ба гурӯҳи якуми осори мавриди омӯзиш таҳқиқоти таърихнигорон ва ховаршиносони ҳам шӯравӣ ва ҳам онҳое, ки осори хешро дар замони истиқлоли кишвар таълиф намудаанд, дохил гардидаанд. Ҳамзамон, муаллиф таҳқиқотҳои бунёдӣ оид ба таърихи халқи тоҷикро ба ин гурӯҳ шомил намудааст.[122] Дар маҷмуъ дар ҳамаи ин корҳо низоми идоракунии давлатии Аморати Бухоро ва кишвари Туркистони империяи Россия дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX тавсиф гардидааст. Оид ба таҳқиқи ин мавзуъ олимони таърихшиноси шӯравӣ ва муосир аз қабили Б. Ғ. Ғафуров[123], Б. Искандаров[124], А. И. Ишанов[125], А. Маҷлисов[126], Т.Р. Каримов[127], Э. Ш. Раҳмонов[128], Н. Н. Неъматов[129], Ҳ. Пирумшоев[130], А. Саидов[131], Н. Б. Ҳотамов[132] ва дигарон, ки ба таҳқиқи соҳаҳои мухталифи таърихи Тоҷикистон то даврае, ки ин сарзамин қисми давлати Шӯравӣ гардид, саҳми бештар гузоштанд.

Гурӯҳи дуюми корҳоро оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ осори муҳаққиқоне ташкил доданд, ки дар онҳо марҳилаҳои алоҳидаи рушди низоми идоракунии шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистони шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

---

[122] История таджикского народа / А. Саидов, Х. Пирумшоев, Хамза Камол, Р.С. Мукимов и др. - Душанбе: Дониш, 2013.- Т.3. -579 с.; История таджикского народа / А. Саидов, Х. Пирумшоев, Хамза Камол, Р.С. Мукимов и др. - Душанбе: Дониш, 2010.-Т.4. -1123с.

[123] Гафуров Б.Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – М.: Наука, 1972. – 664 с.

[124] Искандаров Б.И. Из истории советского строительства в Таджикистане (1924-1929) / Б.И. Искандаров. – Душанбе, 1976. – 211 с.

[125] Ишанов А.И. Бухарская Народная Советская Республика /А.И. Ишанов. –Ташкент: Узбекистан, 1969. – 391с.; Он же. Создание БНСР. –Ташкент, 1955. –180 с.

[126] Маджлисов А. Каратегин накануне установления Советской власти /А.Маджлисов. – Душанбе,1959.-130 с.

[127] Каримов Т.Р. Победа Великой Октябрьской социалистичесой революции в Северном Таджикистане (1917-1918 гг.) / Т.Р. Каримов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957.-233 с.

[128] Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории. Кн. 1, 2 и 3: От арийцев до Саманидов / Э. Ш. Рахмонов. – Лондон, 2000; –Душанбе, 2002, 2006.

[129] Негматов Н.Н. Таджикский феномен: теория и практика / Н.Н. Негматов. –Душанбе. 1997.- 423 с.

[130] Пирумшоев Х. Таърихи халқи тоҷик дар тарозӯи таърихнигорӣ / Х. Пирмушоев. – Хуҷанд, 2014. – 369 с. Он же. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений / Х. Пирумшоев, М. Маликов; отв. ред.: М. С. Имомов; Российско-Таджикский (славянский) ун-т. – Душанбе: РТСУ, 2009.– 687с.

[131] Саидов А. Административное устройства Бухарского ханства в XVII-первой половине XVIII вв. // История таджикского народа. –Душанбе: 2010.-Т.4.-С.199-202.

[132] Хотамов Н. Б. Свержение эмирского режима в Бухаре. / Н. Б. Хотамов. – Душанбе, 1997. – 348 с.; Он же. История таджикского народа (с 60-х годов XIX века до 1924 года) / Н. Хотамов. – Душанбе : Эр-граф, 2007. – 368 с. – (На тадж. яз.).

Дар байни онҳо монография ва мақолаҳои олимони таърихшинос Р.А. Абулҳаев[133], Ф. М. Абдурашитов[134], Р. С. Бобохонов[135], А. М. Ғафуров[136], Н. К. Убайдуллоев[137], Н.Б. Ҳотамов[138] ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Гурӯҳи сеюм – интишорте, ки дар онҳо маводи бойгонӣ бешар истифода шудааст, пеш аз ҳама сарчашмаҳои ҳуҷҷатие, ки фаъолияти мақомоти ҳокимятро инъикос кардаанд, ташкил медиҳад. Барои мо осори Т.В. Каширина[139], Р.М. Масов[140], К.Д. Митюкова[141], М.В. Николаева[142], Ю.А. Николаев[143], С.А. Раҷабов[144], Д. Фанян[145] ва дигарон ҷолибияти бештар доштанд. Дар таҳқиқотҳои онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногуни Ҳукумати ҷумҳурии мухтор ва иттифоқии Тоҷикистон (қарорҳо, амрҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ), ки ҳамчунин ба масоили идораи давлатӣ робита доранд, ташкил медиҳад.

Гурӯҳи чоруми таҳқиқоти анҷомдодашуда – таваҷҷуҳи муаллифро ҷалб намудаанд ин осоре мебошанд, ки ба мавзуи рисола робитаи мустақим надоранд. Дар онҳо фаъолияти баъзе сохторҳои алоҳидаи Ҳукумати ҶМШС

---

133 Абулхаев Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зарафшана (1918-1923 гг.) / Р. А. Абулхаев; под ред. К. П. Марсакова. – Душанбе: Дониш, 1972 – 155с.; Он же. История переселения в Таджикистане (1924-1941). Ч. 1. / Р. А. Абулхаев - Душанбе, 2003.

134 Абдурашитов Ф.М.Исторический опыт переселенческой политики в Таджикистане (1924-1990 гг). – Душанбе, 2015.- 400 с.;

135 Бобохонов Р.С. Эволюция верховной власти в Таджикистане (1982-2007) / Р.С. Бобохонов // Правитель и его подданные. –М., 2009.; Он же. Таджикистан (XX в). Упадок и возрождение традиционализма/ Р.С. Бобохонов. – М, 2010. –143с.

136 Гафуров А. М. Гафуров А.М. Деятельность революционных комитетов Таджикистана (1917-1924 гг) / А.М. Гафуров: дисс. … канд. ист. наук. – Душанбе, 1998. –160 с. Он же. Ревкомы Таджикистана (1917-1924) /А.М. Гафуров. – Душанбе, –2008. –145с.

137 Убайдуллоев Н. К. Историография народного образования Таджикистана (вторая половина XIX – первая половина XX вв.) / Н. К. Убайдуллоев. – Душанбе, 2016. – 410 с.

138 Хотамов Н. Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.). – Душанбе: Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониша, 2008. – 269 с.; Он же. Ташкилёбии Љумњурии Шўравии Сотсиалистии Тољикистон ќадами устувор ба сўи истиќлолият /Н.Б. Ҳотамов // Муаррих.- Душанбе, 2019. №1(17) - С.25-36. ISSN 2789294-8.; Он же. Абдукодир Мухиддинов - судьба политика / Н.Б. Хотамов // Муаррих. – Душанбе, 2021. № 2 (26). – С.20-28.

139 Каширина Т.В. Начало пути (О деятельности Рев. ком. Тадж. АССР, 1924-1926 гг.) / Т. В. Каширина. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 90 с.; Она же. Первый Всетаджикский съезд Советов [1-12 дек. 1926 г.] / Т. В. Каширина; отв. ред. Б. А. Антоненко. – Душанбе: Дониш, 984. – 46 с.

140 Масов Р. М. История исторической науки и историография социалистического строительства Таджикистана /Р. М. Масов. – Душанбе, 1988. – 316 с.

141Митюкова К.Д. Становление и упрочение Советского государственного аппарата Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики (1924-1929 гг): автореф. дисс. … канд. ист. наук. - Душанбе, 1984. - 20 с.; Она же. Опыт государственного строительства Таджикской АССР (1924-1929 гг.) / К. Д. Митюкова. – Душанбе: Дониш, 1988. – 97 с.

142 Николаева М.В. Документы съездов Советов Таджикской АССР и Таджикской ССР как исторический источник: автореф. дис. ... канд. ист.. наук / М. В. Николаева. – Душанбе, 1966.

143 Николаев Ю.А. Укрепление органов государственной власти Таджикской АССР (октябрь 1924 – 1929 гг.) / Ю. А. Николаев. // Материалы к истории таджикского народа в советский период. – Сталинабад, 1954. – С. 187-237.

144 Раджабов С.А. Вопросы возникновения и развития таджикской советской государственности /С.А. Раджабов. - Сталинабад, 1957. - 27 с., Он же: Таджикистан: светское государство (теория, опыт и проблемы) /С.А. Раджабов. – Худжанд: Вароруд, 2000. –144с.

145 Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане, 1920-1929 гг.: сборник документов / Д. К. Фаньян. – Сталинабад : Таджикгосиздат, 1940. – Ч. 1. – 149 с.

Тоҷикистон, ҶШС Тоҷикистон таҳлил гардида, инчунин масъалаҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ баррасӣ гардидаанд. Дар байни ин осор аз ҷониби муаллиф ба интишороти Эмомалӣ Раҳмон[146] таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, ҳамчунин аз интишороти А. Давлатова[147], Н.Д. Дегтяренко[148], Д.М. Зоиров[149], М. Иномов ва В. Набиев[150], М.И. Эркаев[151], А. Мавлонов[152], А.Ш. Розиқзода[153], китобҳо ва мақолаҳои ба ҳаёт ва фаъолияти Н. Махсум[154] и дигар осор истифода гардидааст. Дар таҳқиқоти муаллифони дар боло зикргардида маводҳои меъёрии мухталиф истифода шудааст, ки фаъолияти ҳукумати ҷумҳуриро дар марҳилаҳои аввали мавҷудияташ инъикос намудаанд. Ҳамзамон, дар онҳо фаъолияти Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (КФД), мақомоте, ки барои идоракунии Бухорои Шарқӣ дар давраи вазъи сиёсии хеле мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ (с.1922) дорои салоҳияти васеи ҳокимият буд, инъикос гардидаанд[155].

Аз осори нисбатан дертар таълифгардидаи ба давлатдории шӯравии тоҷик бахшидашуда метавон монографияҳои академик Р.М. Масов «История топорного разделения»[156], «Таджики: история под грифом «совершенно секретно», ҳамчунин мақолаи А.Я. Вишневского ва Р.А. Абдулхаев[157] махсус ҷудо намуд. Дар ин корҳо сухан дар бораи тақсимоти миллӣ-марзии Осиёи Миёна меравад, ки барои халқи тоҷик хеле беадолатона амалӣ карда шуда буд. Оре, мавзуи таҳқиқоти олимон нафақат мақомоти ҳизбии ҳокимият, инчунин мақомоти тартиботи ҷамъиятӣ гардида буданд. Дар ин ҷо метавон корҳои

---

146 Рахмонов Э. Ш. Государственность таджиков: от Саманидов до начала XXI века / Э. Ш. Рахмонов. // Таджикистан: десять лет независимости, народного единства и созидания. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Т. 3. – С. 149-165.

147 Давлатов А. Осуществление принятых решений и мероприятий Правительства Таджикской АССР и их историческое значение / А Давлатов: дисс. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2016. –160 с.

148 Дегтяренко Н.Д. Развитие советской государственности в Таджикистане/ Н.Д. Дегтяренко. – М.: Гос. изд. юрид. лит., 1960. –163с.

149 Зоиров Д. М. Таджикистан: от государства Саманидов до суверенной государственности / Д. М. Зоиров. – – Душанбе: Деваштич, 2003. – 200 с.

150 Инъомов М., Набиев В. Ҷонфидоёни Ватан "Хуросон". – Хуҷанд, 2008. –114с.

151 Иркаев М.И. История гражданской войны в Таджикистане/ М.И. Иркаев. – Душанбе: Ирфон, 1963. –760 с.

152 Мавлянов А. Представительные органы государственной власти Таджикистана в период строительства социализма / А. Мавлянов. – Душанбе: [Ирфон], 1973. – 219 с.

153 Розикзода А. Ш. Становление милиции Таджикистана / А. Ш. Розикзода. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 404с.

154 Речи, доклады, статьи Нусратулло Махсума и материалы о его жизнедеятельности. – Душанбе, 1997.– 96с.; Фидоии миллат (Ба ифтихори 120-солагии зодрӯзи Нусратулло Махсум маҷмӯи мақолаҳо). –Душанбе, 2001.; Абдулҳаев Р., Дӯстов Х. Нусратулло Махсум яке аз поягузорони давлати миллӣ буд / Р.А. Абулҳаев, Х.Дустов. // Ҷумҳурият №45 аз 1 ноябри соли 2007.; Кобилова Б. Нусратулло Махсум и культурная революция в Таджикистане /Б. Кобилова // Чархи Гардун. 2011 г. 7 июля.

155 Николаев Ю.А. Укрепление органов государственной власти Таджикской АССР (окт. 1924 – окт. 1929 гг.). - Сталинабад, 1953.

156 Масов Р. М. История топорного разделения / Р. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 189с.; Он же. Таджики: история с грифом "совершенно секретно" / Р. Масов. – Душанбе: Центр изд. культур. наследия, 1995. – 200с.

157 Вишневский А..Я., Абдулхаев Р.А. Рассказ о размежевании и роль Нусратулло Махсума в создании таджикской советской государственности // «Садои мардум» (Голос народа). 2011. №92 (2764). 21 июля. [На тадж. языке]; Абдулхаев Р.А. Нусратулло Махсум и возвращение беженцев на родину (20-е годы XX века) / Р. Абдулхаев, Х. Дустов. // Преданный нации. – Душанбе: Шарки Озод, 2001. – С. 35- 36. – (На тадж. яз.).

анҷомдодашудаи А.Ш. Розиқзодаро номбар кард. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда ба омӯзиши таърихи мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ташаккул в рушди онҳоро аз давраи ташаккули милитсия то давраи ташкли ҶШС Тоҷикистон пайгирӣ ва таҳқиқ намудааст.[158] Масъалаҳои ташкил ва таъминоти меъёрии фаъолияти милитсия аз соли 1917 то соли 2009 дар риолаи Н.Д. Назаров[159] мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Масоили ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ – парламент ва ҳукумат аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Ализода[160], Б. Раззоқов[161] ва дигарон таҳқиқ гардидаанд. Дар навбати худ дар осори чунин олимон- ҳуқуқшиносон аз қабили И. Б. Буриев[162], Д. М. Зоиров[163], А. И. Имомов[164], Ф. Т. Тоҳиров[165], А. Ғ. Холиқов[166] ва диг. масоили назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти маҷмуии ҳокимияти давлатӣ инъикос гардидаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар солҳои 80-уми асри гузашта ва махсусан дар солҳои истиқлол шавқи таърихшиносон ва ҳуқуқшиносон ба таърихи ташаккул ва рушди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон хеле зиёд шуд. Ҷанбаҳои асосии мухталифи давлатдорӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони ҳокимияти шӯравӣ ва даврони истиқлол ба тариқи амиқ мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар ин самт корҳои Ф. М.

---

[158] Розикзода А.Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: дисс. ... д-ра ист. наук: 07.00.02 / А.Ш. Розикзода. – Душанбе, 2002. – 341с.; Он же. Аз таърихи «Дастаи таъиноти махсус»-и Комиссариати халқии корҳои дохилии ҶМШС Тоҷикистон /А.Ш. Розиқзода, Б.П. Ализода // Тр. Выс. шк. МВД РТ. –Душанбе, 1999. Вып. 2. – С.8-12. [На тадж. языке]; Он же. Государственная иррегулярная (временная) милиция Таджикской АССР /А.Ш. Розиқзода // Осори илмии Мактаби олии ВКД. –Душанбе, 1999. Вып. 2. – С.73-75.; Он же. Об истории организации Министерства внутренних дел Таджикистана (1924-1946гг.) /А.Ш. Розиқзода, А.М. Абдулов // Тр. Выс. шк. МВД РТ. –Душанбе, 1999. Вып 2. – С. 77-80; Он же. Становление милиции Таджикистана/А.Ш. Розиқзода. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 404с.; Он же. Министры внутренних дел Таджикистана /А.Ш. Розиқзода. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 280с. и др.

[159] Назаров Н.Д. Организационно-правовые основы становление и развития милиции Таджикистана: 1917-2006 гг.: дисс. ... докт. юрид. наук: 12.00.01 / Н.Д. Назаров – М., 2007. – 382 с.; Он же. Кадровая политика органов внутренних дел Таджикистана в 70-80 годы // Вестник педуниверситета. 2004. № 6. – Душанбе, ТГПУ. – С. 65-75.

[160] Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование: дисс. ... докт. юрид. наук / З. Ализода. – М., 2014. – 349 с.

[161] Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти в Республике Таджикистан: дисс. … докт. юрид. наук: 12.00.14 / Б.Х. Раззоков. – М., 2014.–458 с.; Он же. Президент Республики Таджикистан – глава исполнительной власти/ Б.Х. Раззоков. –Душанбе: Ирфон, 2010. –356с.

[162] Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана / И.Б. Буриев. Ч. 1. –Душанбе, 2007. –244 с.; Он же. Становление и развитие институтов государственности на территории дореволюционного Таджикистана. (Досоветский период) / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2008.–294с.

[163] Зоиров Д.М. Таджикистан: от государства Саманидов до суверенной государственности /Д.М. Зоиров. – Душанбе, 2003. – 200 с.

[164] Имомов А.И. Высшие органы государственной власти в Республике Таджикистан /А.И. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2007. 448с. [На тадж. языке].

[165] Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Т. 2. Часть 1. (1917-1929) / Ф.Т. Тахиров Душанбе: «Амри илм», 2001. 492 с.; Он же. Становление советского права в Таджикистане. – Душанбе: Дониш, 1987.–192с.; Он же. Правовая система Таджикской АССР (1924-1929 гг.) / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 1988. – 130 с.

[166] Халиков А.Г. История государства и права Таджикистана/ А. Г. Халиков. Ч. 1.– Душанбе, 2002. – 301с.

Абдурашитов,[167] Ф. Ш. Ҷӯраев[168], А. А. Класс[169], Б. Қобилова[170], С. Р. Муҳиддинов[171], М. А. Набиева[172], Н. Т. Рахимов[173] ва дигаронро ҷудо намудан мумкин аст.

Дар замони истиқлол таҳқиқи соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатдорӣ ва ҷамъиятӣ на аз нигоҳи идеологӣ, балки аз мавқеи манфиатҳои миллӣ идома дода шуданд. Дар ин марҳила метавон гурӯҳи зерини таҳқиқотҳоро номбар кард, ки то андозае ба ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқамандӣ доранд:

– гурӯҳи якум – китобҳо, мақолаҳо, маърӯзаҳо, Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу вҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус ҷудо намудан мумкин аст, ки масъалаҳои ташаккули идоракунии давлатӣ ва давлатдорӣ, масоили таҳкими соҳибихтиёрӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷи Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудошнашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, махсус қайд карда гардидаанд[174].

– гурӯҳи дуюм – осори бунёдӣ ва дастаҷамъӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои муҳимми таърихи сиёсӣ, табодул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолро дар бар мегирад.

Ба ин гурӯҳ осори дастаҷамъӣ, аз қабили “Таърихи халқи тоҷик”[175] дар 6 ҷилд, «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол»[176], «Бунёди давлатдории навин»[177], “Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”[178],

---

[167]Абдурашитов Ф.М. Из истории внутреннего переселения в Советском Таджикистане / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2009, – 144с.; Он же. Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце XX- начале XXI вв. / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2016. – 118с.

[168] Джураев Ф.Ш. Историография образования и развития таджикской Советской государственности: автореф. дисс. … канд. ист. наук: 07.00.09 / Ф.Ш. Джураев. –Душанбе, 1989. –28с.

[169] Класс А.А. Исторический опыт конституционного строительства в Таджикистане: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 /А.А. Класс. –Душанбе, 2015. –151с.

[170] Кобилова Б. История композиторского творчества в Таджикистане / Б. Кобилова. –Душанбе, 2008.–154с.

[171] Мухиддинов С. Р. История таджикского народа (краткий курс для неисторических отделений вузов Республики Таджикистан) / С. Р. Мухиддинов. – Душанбе, 2012. – 115 с.

[172] Набиева М. А. Абдурахим Ходжибаев – видный политический и государственный деятель Таджикистана: дисс. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.А. Набиева. –Душанбе, 2019. –179 с.

[173] Рахимов Т.Н. История государства и права Республики Таджикистан/ Т.Н. Рахимов. – Худжанд, 2001.-79с.

[174] Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От арийцев до Саманидов / Э. Ш. Рахмонов. – London & Flint River ed., –2000.–240с.; Он же. Таджики в зеркале истории. Книга вторая и третья / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002, 2006. – 258с.; Он же. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания / Э. Ш. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001 – Т. 3. – 704 с. – (На тадж. яз.); Он же. Государственность таджиков: от Саманидов до начала XXI века / Э. Ш. Рахмонов. // Таджикистан: десять лет независимости, народного единства и созидания. – Душанбе: Ирфон, 2001. – Т. 3. – С.149-165.

[175] История таджикского народа, в 6-ти томах /Под ред. академика Р. М. Масова. – Душанбе, 2004. – Т. V. (Новейшая история 1917-1941 гг.). – 750 с.; История таджикского народа / Под ред. академика Р.М. Масова. – Душанбе, 2011. – Т. VI (Новейшая история (1941-2010). – 742 с.

[176] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол (Очерки истории независимого Таджикистана). –Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.

[177] Бунёди давлатдории навин (Создание новейшей государственности). Под ред. М.Убайдуллоева. – М.: Радуница, 2002. – 416 с.

“Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”[179] ва дигар осори алоқаманди олимон, аз қабили Ф. М. Абдурашидов[180], Р. А. Абулҳаев[181], Қ. Искандаров[182], Б.Ҳ. Раззоқов[183], Ҳ. Пирумшоев[184], А. Саидов[185], Н. Б. Ҳотамов[186], И. Усмонов[187], А. Шарифзода[188], В.М. Набиев[14], В. В. Дронова[189], Б. Қобилова[17], А. Мамадазимов[190], Ҷ. Мирзоев[191], Д. Назриев, И. Сатторов[192] ва дигарон, ки ба мавзуи муаллиф алоқамандӣ доранд, таҳлил гардиданд, вале онҳо дар доираи омӯзиши умумӣ баррасӣ гардиданд.

Ғайр аз ин, масъалаҳои рушди низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ дар диссертатсияҳои Ҷ. Н. Ҷамшедов[193], К. М. Каримов[194], И. А. Пирназаров[195] ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

---

178 Косимов Дж. Государственная служба в Республике Таджикистан / Х. Нуриддинов, К. Искандаров, Б. П. Ализода. – Душанбе: Офсет, 2012. – 168 с. - (на тадж. яз.).

179 Ғафурзода А.Д. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: ташаккул ва рушд / А. Ғафурзода, Ҷ. Ҷамшедов, Х. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Б. П. Ализода ва диг. – Душанбе, 2019. – 224с.

180 Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета /Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148с.; Он же. Таърихи ҳарбӣ (Военная история) /Ф.М. Абдурашитов. –Душанбе, 2016. –238с.; Он же: Ташаккул ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол /Ф.М. Абдурашитов. –Душанбе, 2017–144с.

181 Абдулхаев Р. А. Сабабҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон / Р.А. Абдуҳаев // Вопросы новейшей истории таджикского народа (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. –Душанбе, 2016. – С. 38-46.

182 Искандаров Қ. Асосҳои таҳқиқоти илмӣ ва ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ/ Қ. Искандаров. – Душанбе, 2021.–238с.; Он же. Проблемы международных отношений Республики Таджикистан с Исламским Государством Афганистан / К. Искандаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия экономика и политология. –Душанбе, 1997. №1-2 (7). – С.72-81.

183 Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия // Б. Ҳ.Раззоқов. - Душанбе, 2007. -236с.

184 Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? /Ҳ. Пирумшоев. –Душанбе: Шарқи озод, 2008. –112с.; Он же. Таърихи халқи тоҷик дар тарозуи таърихнигорӣ/ Ҳ. Пирумшоев. – Хуҷанд, 2014. – 369 с.

185 Саидов А. История таджикского народа / Х. Пирумшоев, Х. Камол, Р. Мукимов и др. – Душанбе: Дониш, 2010. Т.4. –1123с.

186 Хотамов Н. Б. История таджикского народа / Н. Хотамов, Д. Давлатходжа, С. Муллоджонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 644 с.(на тадж. языке); Он же. Ташкилёбии Љумњурии Шўравии Сотсиалистии Тољикистон ќадами устувор ба сўи истиќлолият /Н.Б. Ҳотамов // Муаррих.- Душанбе, 2019. №1(17) - С.25-36. ISSN 2789294-8.

187 Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол/ И. Усмонов. - Худжанд, 2003. -178с.

188 Шарифзода А. Пайвандгар / А .Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 336с.; Он же. Бунёдкор /А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013.–336с.; Он же. Президент /А.Шарифзода, С. Шамсиддинов, З. Қосимӣ. – Душанбе, Ирфон, 2011. –372с.

189 Дронов В.В. Международное содействие политической системы независимого Таджикистана: по материалам анализа электронного процесса: дисс. … канд. ист. наук / В.В.Дронов. – М.: 2011. – 182 с.

190 Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. –Душанбе: Дониш,1996. – 180с.

191 Мирзоев Д. А. Историография политической истории независимого Таджикистана: дис. ... канд. ист. наук: 07.00.09/ Д. А. Мирзоев –Душанбе, 2020. – 212с.; Он же. Историография политической истории независимого Таджикистана: Автореф. дис. ... канд. ист. наук: 07.00.09/Д.А. Мирзоев –Душанбе, 2020. – 64с.

192 Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости /Д. Назриев, И. Сатторов. –Душанбе, 2002. – Т.1. – 337с.

193 Джамшедов Д.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): Автореф. дисс. … канд. юрид. наук / Д. Н. Джамшедов. – М., 2011 – 26 с.

194 Каримов К.М. Реформирование государственной службы в контексте оптимизации государственного управления Республики Таджикистан: дисс. … канд. политич. наук /К.М. Каримов. – Душанбе, 2007.– 150с.

195 Пирназаров И.А. Становление государственной службы как политико-социального института (на примере Таджикистана): дисс. … канд. политич. наук / И.А. Пирназаров. – Душанбе, 2006. – 159 с.

Дар натиҷаи шарҳи мухтасари интишороти илмӣ муаллиф ба хулосаҳои зерин омад:

а) аз соли 1917 то соли 2015 дар тамоми соҳаҳо – сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Дар ин марҳила соҳаҳои идораи давлатӣ ва хизмати давлатӣ низ ба тарзи босуръат рушд намуданд. Ин роҳи таърихӣ ва натиҷаҳои рушди низоми идоракунии давлатӣ дар монографияҳо, маҷмуаҳои илмӣ нашрияҳои матбуоти замони худ инъикос гардидаанд. Дар баробари ин, қайд намудан лозим аст, ки дар бештари осори замони шӯравӣ таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба ба нақши ҳизби коммунист дар равандҳои баамалоянда дода мешуд. Ҳамзамон, муаллифони осори илмӣ кӯшиш мекарданд, аз таҳлили ҳар гуна зуҳуроти манфӣ дар идоракунии давлатии ҷумҳурӣ худро канор гиранд, дар ҳоле, ки чунин камбудиҳо амалан дар тамоми фаъолияти ҳукумат дар солҳои 20-30-юми асри гузашта, аз ҷумла вақте агар сухан дар бораи роҳбарияти сатҳи ҷумҳуриявӣ равад, ҷой доштанд. Чунин муносибат ба таҳлили масоли доғи рӯз боиси хулосаҳои ғайримантиқӣ ва аз даст додани объективият дар натиҷаҳои таҳқиқот гардид. Ҳамин тавр метавон тасдиқ кард, ки мавзуи аз ҷониби муаллиф интихобгардида, дар сарҳади мавриди назари хронологӣ ҳанӯз ба тарзи бояду шояд дар илми таърихнигории муосир мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Онро бояд дар асоси усулҳои муосир ва дар асоси маводи бойгонии дастрасгардида таҳқиқ намуд ва мо инро дар рисолаи хеш амалӣ намудем;

б) қисмати зиёди интишороти илмӣ оид ба масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида, фақат ба ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар замони шӯравӣ дахл дорад. Дар интишороти замони истиқлол бошад, ин масъалаҳо аз нигоҳи сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ ва дар маҷмуъ баррасӣ гардидаанд.

Бо назардошти андешазои зикргардида, метавон тасдиқ кард, ки масоили ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон метавонад предмети омӯзиши мустақилона ва таҳқиқоти маҷмуӣ бошад.

Дар параграфи дуюм – **«Методологияи омӯзиши масъала»** - муаллиф қайд менамояд, ки асоси методологии диссертатсияро мураккабӣ ва гуногунпаҳлӯии таҳқиқот муайян кардааст, ки муносибати маҷмӯиро барои омӯзиши масъалаҳои дар он гузошташуда талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллиф маводҳои бойи фактологӣ ва манбаҳои нави бойгониро истифода бурдааст, ки ба ӯ имкон дод, то ки принсипҳои объективӣ ва таърихнигориро нигоҳ дорад ва робитаи мутақобили зуҳурот ва ҳодисаҳои таҳқиқшавандаро пайгирӣ намояд.

Муаллиф ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти худ аз усулҳои назариявии умумӣ ва махсуси илмии идрок, инчунин аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ истифода кардааст. Дар маҷмуъ, усулҳои таҳқиқотро, ки дар рафти навишти диссертатсия истифода шудаанд, метавон ба се гурӯҳ муттаҳид кард: 1) усулҳои умумии таҳлил; 2) усулҳои умумиилмии омӯзиш ва 3) хусусӣ. Ин усулҳо ҳам барои илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам барои илмҳои гуманитарӣ хосанд.

Ҳамин тариқ усулҳои умумӣ ба принсипҳои универсалии тафаккури инсонӣ ва принсипҳои фалсафии идрок асос меёбанд. Дар қатори онҳо мақоми марказиро принсипи диалектикӣ ишғол менамояд. Муаллиф дар асоси он низоми идораи давлатиро на ҳамчун падидаи мустақил, балки дар ҳамбастагӣ бо рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар марҳалаҳои гуногуни таърихи он баррасӣ намудааст.

Аз усулҳои умумиилмӣ муаллифи диссертатсия дар кори худ усулҳои эмпирикии омӯзиши падидаҳо - мушоҳида, муқоиса, тавсиф ва андозагириро истифода намудааст. Татбиқи онҳо дар илми таърих аллакай бо вақт ҳамаҷониба озмуда шудаанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки рушди ягон падидаро пайгирӣ намоӣ, онро тавсиф кунӣ, ҳамзамон ба он баҳои миқдорӣ диҳӣ ва падидаи таҳқиқшавандаро бо падидаҳои шабеҳи дигар муҳити фарҳангӣ ва таърихӣ муқоиса намоӣ.

Дар раванди омӯзиши маводҳои таърихнигории ба мавзуи диссертатсия дахлдор, муаллиф усулҳое, ки ҳам ба илми таърих ва ҳам ба дигар фанҳои гуманитарӣ хосанд, татбиқ намудааст. Аз тамоми усулҳои таърихӣ ӯ ба усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва хронологӣ, инчунин усулҳои даврашиносӣ ва таҳлили перспективӣ диққат доданро зарур шумоҳидааст. Принципҳои таҳлили системавӣ-сохторӣ низ барои ҳалли масъалаҳои дар рисола гузошташуда аҳамияти калон доштанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми навиштани диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ усулҳои гуногуни таҳлили масъалаҳои диққати ӯро ҷалбкунанда - аз масъалаҳои умумии илмӣ сар карда, то хусусӣ истифода шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот маҳз бо истифодаи ин усулҳо тасдиқ карда мешавад.

Дар параграфи сеюми боби як – **«Асоси сарчашмавии таҳқиқот»** – муаллиф дар навбати аввал ба он диққати махсуси худро медиҳад, ки ҳангоми таълифи рисолаи номзадиаш аз маводҳои бойгоние, ки дар фондҳои гуногуни Бойгонии марказии давлатии (БМД) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатиии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ бойгонии Институти тадқиқотҳои сиёсии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон), бойгониҳои минтақавии кишвар ва Бойгонии давлатии Федератсияи Россия (БДФР) махфузанд, истифода намудааст. Махсусан бисёр ҳуҷҷатҳо ва сарчашмаҳо

ҳангоми омӯзиши таърихи ташаккули идоракунии давлатии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали барпо шудани ҳокимияти шӯравӣ дар минтақаи Осиёи Миёна истифода шудаанд.

Бар ақидаи муаллиф, тадқиқоти таърихии маҷмуии раванди ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ бе истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавӣ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, муаллиф ба қадри имкон аз маводҳои бойгониҳои давлатии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон – бойгонии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (БДВМКБ) дар шаҳри Хоруғ, бойгонии давлатии вилояти Суғд (БДВС) дар шаҳри Хӯҷанд ва бойгонии давлатии вилояти Хатлон (БДВХ) дар шаҳри Бохтар истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, доираи васеи сарчашмаҳоеро, ки ба дараҷае ба масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон аз соли 1917 то соли 2015 дахл доранд, муаллиф аз рӯи аҳамият ва мазмуни онҳо тасниф кардааст.

Ба гурӯҳи аввали сарчашмаҳо муаллиф маводҳои бойгонӣ ва маҷмуаҳое, ки ҳуҷҷатҳои бойгониро дар бар мегиранд ва ба давраи ташкил шудани ҳокимияти шӯравӣ ва барпо гардидани ҶМШС Туркистон дар ҳайати РСФСР дахл доранд, ворид намудааст.

Дар фондҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуҷҷатҳое маҳфузанд, ки бевосита ба ташкил ва фаъолияти Комиссияи Диктатории Фавқуллода (КДФ) (Ф. Р.-1), ҳамчун мақоми олии муваққатии ҳокимияти давлатии Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ) дахл доранд.

Гурӯҳи дуюмро маводҳои бойгоние, ки ба масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дахл доранд, ҳуҷҷатҳои Анҷумани таъсисии I-уми ҶМШС Тоҷикистон, қарорҳое, ки дар анҷумани мазкур қабул шудаанд, ҳуҷҷатҳо оид ба ташкил ва фаъолияти Кумитаи марказии иҷроияи (КМИ) ҷумҳурии автономӣ, инчунин хуҷҷатҳое, ки кори Шӯрои Комиссарони Халқиро (ШКХ) аз соли 1926 то соли 1929 дар бар мегиранд, ташкил медиҳанд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар маводҳои бойгонии Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон инчунин маводҳои пурарзиш оид ба ташаккул ва рушди ҷумҳурӣ дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ (Фондҳои 1, 2, 3, солҳои 1924-1991), маводҳо оид ба иҷро гардидани нақшаҳои давлатӣ, қарорҳо, баромадҳои котибони КМ ҲК Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва маводҳои бадномкунанда аз рӯи парвандаҳои котибони Ҳизби коммунистӣ ва роҳбарияти олии кишвар (Ф.3. Оп. 3. Д. 300 (73) ва ғ. маҳфуз дошта шудааст.

Дар рафти кори тадқиқотии худ муаллиф инчунин маводҳоеро, ки дар Бойгониии давлатии Федератсияи Россия (БДФР) маҳфузанд, истифода бурдааст.

Аҳаммияти бузургро инчунин маҷмуи маводҳои бойгонӣ ва дигар маводҳо оид ба таърихи ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шӯравӣ, ки соли 1997 ба табъ расидааст, доро мебошад.[196] Ғайр аз он, дар солҳои истиқлолият дар Тоҷикистон инчунин маҷмуи маводҳои бойгонӣ оид ба таърихи ҷумҳуриамон[197], ба табъ расида буд, ки ба он ҳуҷҷатҳои муҳими дар давраи шӯравӣ қабулгардида: қарорҳо, фармонҳо, маводҳо оид ба тақсимоти маъмурӣ ва ғ. шомил гардиданд.

Гурӯҳи махсуси сарчашмаҳоро маводҳои матбуоти даврӣ, алалхусус рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» ташкил додааст. Дар он дар давраи шӯравӣ муттасил мақолаҳои ҷолиб оид ба масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ нашр мегашданд. Инчунин дар он маводҳои расмии Ҳукумати Тоҷикистон (қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳои Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон) чоп мешуданд.

**Гуногунии заминаи сарчашмавӣ** – аз хуҷҷатҳои расмии мақомоти роҳбарикунандаи ҳокимият сар карда, то ҳуҷҷатҳои хусусияти шахсӣ дошта – имкон медиҳанд, ки таърихи рушди идоракунии давлатии Тоҷикистонро ҳамчун раванди гуногунҷанба, ки дар он ҳодисаҳои таърихӣ ва сиёсии давра, балки дастовардҳои иҷтимоӣ низ инъикос ёфтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **– «Ташаккули идоракунии давлатӣ дар давраи барпо гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон (1917-1924)** – се параграфро дар бар мегирад.

Параграфи аввал **«Таҷрибаи таърихии таҳаввули идоракунии давлатӣ дар ҳудуди таърихии Тоҷикистон»** номида мешавад. Дар он муаллиф заминаҳои ташаккули он идоракунии давлатиеро, ки дар марҳилаи ибтидоии барпо шудани ҳокимияти шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҷой дошт, муайян менамояд. Барои ҳалли масъалаи мазкур ӯ ба таърихи халқи тоҷик – аниқтараш ба марҳилаи ҳукмронии Сомониён рӯ меорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки давлати Сомониён (874 – 999) – ин саҳифаи махсусе дар таърихи халқи тоҷик мебошад. Хизмати таърихии давлати Сомониён дар он дарҷ мегардад, ки он барои фаъолияти як низоми фасеҳ ва муназзами идоракунии одилона, оқилона ва фаъоли марказӣ ва маҳаллӣ дар асоси анъанаҳои ҳокимияти давлатии Сосонӣ замина гузошт. Пас аз барҳам хӯрдани давлати Сомониён низоми идоракунии он ба пуррагӣ аз ҷониби давлатҳои минбаъдаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Ғазнавиён ва Қарахониён истифода бурда шуд.

---

[196] Хрестоматия по истории отечественного государства и права 1917 – 1991 гг. / Под. ред. О. И. Чистякова. – М.: Зерцало, 1997. – 592 с. – ISBN 5-88746-020-2.

[197] Қурбонов М. Дурдонаҳои хазинаи бойгонӣ / М. Қурбонов. –Душанбе, 2014. –246с.

Дар аввали асри XII заифии Ғазнавиёнро истифода бурда, давлати Ғурриён истиқлолият ба даст овард. Давлати онҳо дар солҳои 1152–1206 ба яке аз давлатҳои пуриқтидортарин дар Хуросон ва Осиёи Миёна табдил ёфт. Низоми идоракунии Ғурриён ба анъанаҳои беҳтарини идоракунии давлати Сомониён такя менамуд. Таҷриба ва анъанаҳои давлатдории Ғурриён дар давлатҳои минбаъдаи Осиёи Миёна идомаи худро ёфтанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асли XX халқи тоҷик дар ҳудуди Аморати Бухоро ва вилояти Туркистони Империяи Россия зиндагонӣ мекард. Яке аз мансабдорони калони Аморати Бухоро девонбегӣ буд. Бар ақидаи Н.К. Убайдуллоев, «шахси дуюм пас аз амир дар иерархияи маъмурии аморати Бухоро қушбегӣ буд. Ӯ мансаби сарвазирро ишғол менамуд, ки корҳои аморатро дар ихтиёр дошт. Дастгоҳи қушбегӣ аз 125 нафар иборат буд»[198]. Он назорати андозро ба уҳда дошт. Мақоме, ки қушбегӣ идора менамуд, девони «танхо» ва ё девони ҷамъоварии андоз аз замин номида мешуд. Сардодгоҳ «Қозӣ-ал-қуззот» ё «Қозӣ -калон» ном дошт ва тобеи Шайх-ул-ислом буд. Дар аморат вазифаи қозии ҳарбӣ – қозии аскар низ вуҷуд дошт. Дар солҳои ҷанг ба ӯ ваколатҳои суди шаҳрвандӣ низ вогузор карда мешуданд.

Дар натиҷаи забткориҳои Россия дар Осиёи Миёна соли 1867 Генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт. Соли 1868 ба ҳайати он водии Зарафшон шомил шуд, ки соли 1887 номи он ба вилояти Самарқанд тағйир ёфт. Дар ҳайати он Хӯҷанд, Истаравшан, Панҷикент, Мастчоҳ, Фалғар, Фон ва Яғноб (айни ҳол ноҳияи Айнӣ) дохил буданд. Соли 1876, пас аз забт кардани ҳудуди хонигарии Қӯқанд дар водии Фарғона вилояти Фарғона ташкил дода шуд, ки ба ҳайати он Бадахшон, Ашт, Исфара ва Конибодом шомил гаштанд.

Мақомоти роҳбарикунандаи асосии вилоят губернаторони ҳарбӣ буданд, ки аз ҷониби вазири ҳарбӣ дар мувофиқа бо Генерал-губернатор ва ҳокимияти вилоятӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мегаштанд. 12 июли соли 1886 Император Александри III низомномаи нав – «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистонро», ки бо баъзе тағйирот то соли 1917 амал мекард, тасдиқ намуд. Идоракунӣ аз чор қисми асосӣ иборат буд: маъмурӣ, судӣ, идораи замин ва идораи андоз.

Мақомоти иҷроияи кишвари Туркистон – канселярияи Генерал-губернатории Туркистон ба ҳисоб мерафт. Генерал-губернатор аз болои тамоми мақомоти идоракунӣ назорат мебурд, вале мақомоти назорати давлатӣ ва мақомоти судӣ мустақил буданд ва ба Генерал-губернатор тобеъ набуданд. Хусусияти хоси кишвари Туркистон дар он буд, ки ҳудуди он ба Вазорати

---

[198] Убайдуллоев Н. К. История образования Таджикистана второй половины XIX– начала XX веков: дис. канд. ист. наук: 07.00.02 / Н.К. Убайдуллоев. – Душанбе, 2003. – С.25.

ҳарбӣ тобеъ буд, на ба Вазорати корҳои дохилӣ, ба мисли дигар губернияҳои марказии Россия.

Дар солҳои 1917-1920 дар натиҷаи инқилоби сотсиалистӣ ва таъсис ёфтани давлати Шӯравӣ воҳидҳои нави марзӣ-маъмурӣ, аз ҷумла ҷумҳуриҳо пайдо шуданд. Бо назардошти ин, шакли идоракунии давлатӣ дар Осиёи Миёна ба пуррагӣ тағйир ёфт. Он ба низоми давлатдории шӯравӣ мутобиқ гардонида шуд.

Дар параграфи дуюм – **«Ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир»** – муаллиф қайд менамояд, ки раванди шӯравикунонӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва дар Помир, ки ба ҳайати кишвари Туркистони Россия шомил буданд, соли 1917 оғоз ёфта, охири соли 1918 ба анҷом расида буд.

Муаллифи рисола зикр менамояд, ки аз 15 то 22 ноябри соли 1917 дар Тошканд Анҷумани III-ми Шӯроҳо гузаронида шуда буд, ки дар он масъалаи барпо кардани ҳокимияти шӯравӣ дар Туркистон баррасӣ гардид. Бо пешниҳоди болшевикон дар иҷлосия дар бораи таъсиси мақоми ҳокимияти иҷроияи шӯравӣ дар Осиёи Миёна - Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) эълон гардид. Ба ҳайати ШКХ-и Туркистони Шӯравӣ комиссариатҳои корҳои хориҷӣ, адлия, почта ва телеграф, хӯрокворӣ, молия, саноат ва тандурустӣ шомил гаштанд. Қобили қайд аст, ки назар ба дигар Шӯроҳо, ШКХ-и Туркистон натанҳо мақоми олии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, балки мақоми олии қонунгузорӣ низ буд.

30 апрели соли 1918, дар Анҷумани V-уми фавқуллодаи Шӯроҳо дар бораи ташкил шудани ҶМШС Туркистон дар ҳайати РСФСР эълон шуд. Худи ҳамон рӯз «Низомнома дар бораи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон» тасдиқ гардид. Дар асоси Низомномаи мазкур бори аввал мақоми олии ҳокимияти давлатӣ – Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) ҶМШС Туркистон (он дар байни анҷуманҳои Шӯроҳо фаъолият мекард) таъсис дода шуд. 15 октябри соли 1918 бошад, Анҷумани VI-уми фавқуллодаи Шӯроҳо Конститутсияи ҶМШС Туркистонро қабул намуд.

Тибқи Конститутсияи қабулгардида мақоми олии қонунгузорӣ Анҷумани Шӯроҳои намояндагони коргарон, аскарон ва деҳқонон буд. Мақоми олиии доимоамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ (байни Анҷуманҳои Шӯроҳо) бошад, Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳо буд. Дар он давра «ҳокимияти иҷроия ва мақомоти идоракунӣ дар ихтиёри Шӯрои комиссарони халқӣ (ШКХ) қарор доштанд»[199]. Аз лиҳози марзӣ-маъмурӣ ҶМШС Туркистон ба 6 вилоят, уезд ва волост тақсим шуда буд.

[199] Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н.Б. Ҳотамов. – Душанбе, 2007.– С. 203.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки 15 августи соли 1923 Президиуми КИМ-и Туркистон масъалаи таъсиси вилояти Помирро баррасӣ намуд. вале КИМ-и умумироссиягӣ тасдиқи ин қарорро то 2 январи соли 1925 ба таъхир гузошт. Зимнан, дар Помир мустаҳкам намудани мақомоти идоракунӣ яке аз вазифаҳои муҳимми Ҳукумати ҶМШС Туркистон буд. Барои идоракунии самарабахши минбаъдаи Помир мақоми нави муваққатии идоракунӣ – Сегонаи ҳарбӣ-сиёсии (СҲС) Помир таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он намояндаи Помири ғарбӣ Ш.Шотемур, намояндаи Помири Шарқӣ Ҳусейнбоев ва намояндаи қисми сарҳадӣ Т.М. Дяков (ӯ инчунин намояндаи КИМ-и Туркистон буд) дохил шуданд.

Раванди ташаккули мақомоти идоракунӣ – кумитаҳои инқилобӣ, ки пас аз ташкили Сегонаи ҳарбӣ-сиёсии Помир оғоз ёфт, дар Помири Ғарбӣ то 14 январи соли 1922 идома ёфт. «Дар ин бора ҳисоботи Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ ба Президиуми КИМ-и Туркистон шаҳодат медиҳад»[200].

Дар параграфи сеюм– **«Ташаккули идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ва Бухорои Шарқӣ»** – муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи сарнагун шудани сохти амирӣ, 2 сентябри соли 1920 ҳокимият дар Бухоро ба дасти Кумитаи инқилобӣ гузашт. Ин мақоми аввалини идоракунӣ моҳи августи соли 1920, яъне то сарнагун гаштани сохти амирӣ, таъсис дода шуда буд. Ба ҳайати он А. Абусаидов (раис), М. Аминов, А. Акчурин, А. Юсуфов, М. Бурханов ва Х. Ибрагимов дохил шуданд. 14 сентябри соли 1920, дар ҷаласаи муштараки КМ Ҳизби Коммунистии Бухоро, Кумитаи муваққатии инқилобии ҶХШБ ва Шӯрои Нозирони Халқии Бухоро ҳайати нави Кумитаи инқилобии Бухоро тасдиқ карда шуд, ки раиси он А. Муҳиддинов интихоб гардид. Раиси Шӯрои Нозирони Халқии Бухоро Файзулло Хоҷаев шуд.

Муаллиф зикр менамояд, ки 6-8 октябри соли 1920 дар «Ситораи Моҳи Хоса» (собиқ қароргоҳи амир) Анҷумани (қурултой) якуми Умумибухории муассисон ва намояндагони халқ барпо гашт, ки дар он 1950 намоянда иштирок намуд. 7 октябр иҷлосия дар бораи ташкили Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) эълон намуд, ки барҳамдиҳии сохти амирӣ ва додани ҳокимиятро ба меҳнаткашон қонунӣ гардонид. Тибқи Конститутсия мақоми олии ҶХШБ Қурултои умумибухории намояндагони халқӣ ва дар фосилаи байни анҷуманҳо Кумитаи иҷроияи умумибухорой (КИМ-и Умумибухорӣ) муқаррар гардид.

[200] Раджабов С.А., Шергазиев М. Создание и развитие советской государственности в Горно-Бадахшанской автономной области / С.А. Раджабов, М. Шергозиев // Очерки по истории Советского Бадахшана. –Душанбе: Дониш, 1985. – С.106.

Боби чоруми фасли дуюми Конститутсияи ҶХШБ ба Иҷлосияи вакилони халқӣ –мақоми олии ҳокимияти давлатии ҶХШБ бахшида шудааст[201].

Пас аз ташкили дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти идоракунии ҶХШБ, роҳбарияти олии ҷумҳурӣ вазифа гузошт, ки ҳокимияти Шӯроҳоро дар тамоми қаламрави мамлакат ҷорӣ намояд. Бо ин мақсад Экспедитсияи ҳарбии Ҳисор таъсис дода шуда, ки дар охири соли 1920 ба ҷониби Бухорои Шарқӣ равон гашт. 19-20 феврали соли 1921 бо қувваи Артиши Сурх Деҳнав, Регар, Қаратоғ, Ҳисор ва Душанбе забт карда шуданд. Фармондеҳи фронти Туркистон М В. Фрунзе пас аз ин ҳодиса ба Москва телеграмма бо мазмуни «Мо шаҳри Душанберо гирифтем»[202] фиристод. Ин ҳуҷҷат шаҳодат медиҳад, ки Душанбе то барпо гаштани ҳокимияти шӯравӣ шаҳр буд, на ин ки деҳа, чуноне ки бисёре аз муаррихони замони шӯравӣ иддаъо мекарданд.

Дар ҳудудҳои забтшудаи Бухорои Шарқӣ бо фармондеҳии Артиши Сурх мақомоти муваққатии фавқуллодаи идоракунӣ – кумитаҳои инқилобӣ таъсис дода шуданд. Минбаъд Артиши Сурх амир ва қувваҳои контринқилобиро таъқиб карда, «ҳамаи ноҳияҳои водиҳои Ҳисор ва Вахшро пайваста забт карда, дар моҳҳои март – апрели соли 1921 Фархор, Сайёд, Чубек ва Кӯлобро ишғол намуд».[203]

2 январи соли 1922 бо дарназардошти тезу тунд шудани вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ дар Бухорои Шарқӣ, дар ҷалассаи муштараки КМ ҲК Бухоро, КИМ-и Бухоро ва Шӯрои Назирони халқии Бухоро Комиссияи фавқуллодаи диктатории (КФД) КИМ-и ҶХШБ дар Бухорои Шарқӣ таъсис дода шуд. «Ба ҳайати КФД Носир Ҳакимов (раис), Олимҷон Акчурин, Аҳмад Комилов, Рашид Боймуродов ва Ҳоҷӣ Зайнулло Зикриёев дохил шуданд. Ба Комиссия супориш дода шуд, ки то 10 январ ба Душанбе расанд. 8 январ Президиуми КИМ-и Бухоро тартиби кори комиссияро тасдиқ намуд»[204].

Бо сабаби тезу тунд шудани вазъияти Бухорои Шарқӣ ва фаъол гардидани ҳаракати босмачигарӣ, ҳокимият ба пуррагӣ ба Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ (КФД), ки аз 8 январи соли 1922 то 7 июни 1924 ҳамчун мақоми олии ҳокимияти давлатии Бухорои Шарқӣ амал мекард, супорида шуд.

---

[201] Конституция (Основной Закон) Бухарской Народной Советской Республики от 18 августа 1922 г. // Хрестоматия по истории Отечественного государства и права. – М.: Юрайт, 2014. – С.184.

[202] История таджикского народа. В 4-х т. / Под ред. академика Р. М. Масова. (Новейшая история 1917-1941 гг.). – Душанбе, 2004. – Т. V. – С. 260.

[203] Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н.Б. Ҳотамов. – Душанбе, 2007.– 2007. – С.295.

[204] Ализода Б.П. Таҳаввули ташаккули низоми идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон / Б. П. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №1 (2019). –Душанбе, 2019. – С.85.

Ба ваколатҳои КФД асос карда, то вақти боздошти амали Конститутсияи ҶХШБ, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки «Бухорои Шарқӣ дар давраи роҳбарии КФД воҳиди маъмурӣ набуда, мухторияти сиёсӣ дар доираи ҶХШБ, ва сипас дар доираи ҶШС Бухоро буд, то он даме, ки тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна ба амал наомад»[205]. Муаллиф ин нуқтаи назарро тарафдорӣ намекунад, зеро он бо ҳуҷҷат исбот нашудааст.

Баъдтар ҳудуди ҶХШБ бо назардошти миллати шаҳрвандони истиқоматкунандааш ба 5 округ тақсим карда шуд, яке аз онҳо округи Бухорои Шарқӣ буд, ки дар он асосан тоҷикон истиқомат мекарданд. Округ аз туманҳои Душанбе, Ғарм, Кӯлоб, Қаротегин ва вилояти Сари-Осиё иборат буд. Пас аз тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, ғайр аз вилояти Сари-Осиё, он ба пуррагӣ ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дохил шуд. Дар ҳудуди вилоятҳо мақомоти болоӣ анҷуманҳои вилоятии Шӯроҳо буданд, ки дар як сол як бор ҷамъ мешуданд. Дар фосилаи байни анҷуманҳо ҳокимият аз ҷониби кумитаҳои иҷроия ва дар сурати имконнопазирии гузаронидани интихобот аз ҷониби кумитаҳои инқилобӣ ба амал бароварда мешуд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки дар Бухорои Шарқӣ дар вақти ҳолатҳои фавқуллодаи ҷанги шаҳрвандӣ то моҳи июли соли 1924 инчунин мақоми ҷазодиҳандаи ҳокимияти шӯравӣ – «Сегона» (“Тройка”) амал мекард. Бюрои осиёмиёнагии КМ ҲК Россия дар бораи фавран қатъ намудани фаъолияти «Сегона» қарор қабул кард. Қарор дар бораи қатъи фаъолияти «Сегона» саривақтӣ ва одилона буд. 28 майи соли 1924 КИМ-и умумибухории Шӯроҳо қарорро «Дар бораи шӯравикунони Бухорои Шарқӣ ва бекор намудани фаъолияти Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ»[206] қабул кард. Ба ҷойи ин мақоми фавқулода Кумитаи иҷроияи Бухорои Шарқӣ таъсис дода шуд. 7 июни соли 1924 КФД дар бораи қатъ намудани фаъолияти худ эълон намуд.

Боби сеюми диссертатсия **– «Ташаккул ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1929)»** – аз се параграф иборат аст. Дар параграфи якум – «**Ташаккул ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунии ҶМШС Тоҷикистон»** – муаллиф масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти мақомоти идоракунии Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистонро дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

То ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон (с. 1924) дар қаламрави Бухорои Шарқӣ институти назирони (вазирони) ваколатдори Ҷумҳурии Халқии

[205] Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.). Том 2. Часть 1. –Душанбе, 2001. – С.156.

[206] Фаньян Д. К истории советского строительства в Таджикистане. 1920-1929 гг.: сборник документов / Д. К. Фаньян. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1940. – Ч. 1. – С. 32.

Шӯравии Бухоро фаъолият менамуд. 10 марти соли 1924 Кумитаи иҷроияи КМ ҲК Бухоро лоиҳаеро тасдиқ намуд, ки тибқи он ташкили ҷумҳуриҳои мустақил – ҶШС Ӯзбекистон ва Туркманистон пешбинӣ гардида буд. «Дар робита ба тоҷикон ташкил кардани вилояти автономӣ дар ҳайати Ӯзбекистон пешбинӣ карда шуда буд, ки аз Қаротеғин, Ғарм ва Мастчоҳ иборат буд»[207].

Дар диссертатсия зикр гаштааст, ки 5 апрели соли 1924 Бюрои сиёсии КМ ҲКР(б) лоиҳаҳоеро, ки аз ҷониби ҳизбҳои коммунистии маҳаллӣ таҳия шуданд, маъқул донист. Бюрои осиёмиёнагии КМ ҲКР(б) Комиссияро оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна таъсис дод.

12 июни соли 1924 КМ ҲКР (б) қарорро «Дар бораи тақсимоти миллӣ - марзии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна» қабул кард, ки тибқи он зеркомиссияи тоҷикӣ бо ҳуқуқи овози машваратӣ дар ҳайати се аъзо – Ч. Имомов, А. Ҳоҷибоев ва М. Саидҷонов ташкил карда шуд. Зеркомиссияи мазкур натавонист дар муҳлати кӯтоҳ баҳси ҳудудиро бар нафъи тоҷикон ҳал кунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки моҳи октябри соли 1924, дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна Ҷумҳурии  Шӯравии Сотсиалистии Бухоро (ҶШСБ), Ҷумҳурии  Шӯравии Сотсиалистии Хоразм (ҶШСХ) ва Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (ҶМШСТ) барҳам дода шуданд ва дар заминаи онҳо ҷумҳуриҳои нави шӯравии сотсиалистӣ  аз рӯи нишонаҳои миллӣ ташкил дода шуданд.

Қобили зикр аст, ки 14 (27) октябри соли 1924 иҷлосияи дуюми КИМ-и ИҶШС қарорро дар бораи тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ ва ташкил шудани ҶШС Туркманистон, ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон, ҶМШС Қазоқистон, вилоятҳои Қароқирғиз ва Қарақалпоқ, ки ба ҳайати РСФСР шомил шуданд, тасдиқ кард. Сарфи назар аз амалҳои ноодилонаи аъзоёни Комиссия оид ба корҳои Туркистон вобаста ба тақдири тоҷикон, ҳуқуқҳои худмуайянкунии онҳо, ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт ва дар таърихи халқи тоҷик рӯйдоди хеле муҳим буд.

Ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон ҳудуди вилоятҳои Душанбе, Ғарм (аз ҷумла Дарвоз ва Ванҷ), Кӯлоб, Қурғонтеппа, Панҷакент, Ӯротеппа дохил шуданд. Ташкил шудани ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон барои муайян намудани тақдириояндаи халқи тоҷик аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт ва барои иштироки омма дар идоракунии давлатӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овард. «26 ноябри 1924 ҷаласаи Кумитаи инқилобии ҶШС Ӯзбекистон баргузор шуд, ки дар он Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати 15 нафар тасдиқ гардид».[208]

---

[207] Масов Р. История топорного разделения / Р.Масов. – Душанбе, 1991. – С.31.
[208] ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.9. – Оп.1. – Д.14. – Л.1.

Дар ин ҷаласа бо Қарори Кумитаи инқилобии ҶШС Ӯзбекистон оид ба идораи муваққатии ҷумҳурӣ, омодагӣ ба даъвати Анҷумани муассисони Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани дастгоҳи давлатии шӯравӣ, Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон — Ҳукумати ҷумҳурӣ ташкил карда шуд.

Раиси Кумитаи инқилобӣ Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) интихоб шуда, “ба ҳайати он ходимони намоёни ҳизбӣ ва давлатӣ, монанди Р. Бобоҷонов, Б. Додобоев, Ш. Шотемур, А Ҳоҷибоев, А. Ёрмуҳаммадов, Ч. Имомов, С.М. Соколов, К. Одинаев, Ч.А. Путовский, Б.В. Толпиго, А.М. Дяков ва дигарон дохил шуданд”[209]. 7 декабри соли 1924, дар ҷаласаи якуми Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ҳуҷҷатҳо дар бораи ташкили ҶМШС Тоҷикистон ба расмият дароварда шуд, сарҳадҳои ҷумҳурӣ ва тақсимоти маъмурии он муайян карда шуд ва сохтори дастгоҳи давлат тасдиқ карда шуд.

14 декабри соли 1924 номзадҳо шахсан ба мансабҳои давлатӣ тасдиқ карда шуданд. Раиси банақшагирии давлатӣ ва комиссари халқии савдои дохилӣ Абдулқодир Муҳиддинов, комиссари халқии нозироти коргарон-деҳқонон (НКД) – Шириншо Шотемур, комиссари халқии корҳои дохилӣ – Абдулло Ёрмуҳаммадов, комиссари халқии маориф – Аббос Алиев ва дигарон таъин шуданд. «Ба ҳар яки онҳо шаҳодатномаҳои махсус оид ба таъин шудан ба мансаб, бо имзои раис ва мӯҳри расмии Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дода шуд»[210].

Бо супориши КМ ҲКР (б), 6 декабри соли 1924 Бюрои осиёмиёнагии КМ ҲКР(б) мақоми муваққатии роҳбарикунандаи ҳизбии ҷумҳурии автономӣ – Бюрои ташкилии ҲК (б) Ӯзбекистонро дар ҶМШС Тоҷикистон ташкил дод, ки котибони масъули он Ч. Имомов ва С. Соколов интихоб шуданд.

Ҳангоми ташкил гардидани Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурӣ масъалаи интихоби пойтахт ба миён омад. Дар ин ҷо фикрҳо тақсим шуданд: баъзеҳо ба тарафдории Самарканд, дигарон тарафдори Душанбе ва сеюмин тарафдори Ҳисор буданд. Пас аз мулоҳизаронихои тулонии масъалаи ҷойгиршавии пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, тасмим гирифта шуд, ки он дар Душанбе ҷойгир шавад.

Ҳукумати нав дар аввали моҳи феврали соли 1925 ба Душанбе кӯчид ва 5 феврал барҳамдиҳии институтҳои пештараи давлатӣ ва ташаккули мақомоти нави ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистон оғоз гардид. Комиссариатҳои халқии зироаткорӣ, молия, маориф ва ғ. таъсис дода шуданд. Самти муҳими фаъолияти мақомоти азнавташкилшудаи идоракунии ҶМШС Тоҷикистон тартиб додани буҷет ва маблағгузории кори дастгоҳи давлатӣ буд.

---

[209] У истоков истории. К 130- летию со дня рождения Нусратулло Махсума. –Душанбе, 2011. – С. 436.
[210] ЦГА Республики Таджикистан. – Ф. 9. – Оп.1. – Ед. хр. 1. – Л. 300.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки моҳи декабри соли 1924 Кумитаи инқилобӣ, пас аз таҳлили амиқи буҷети ҷумҳурӣ, ҷадвали штатии воҳидҳои маъмуриро барои мақомот ва муассисаҳои марказӣ, инчунин мақомоти маҳаллии идоракунӣ (вилоятӣ, туманӣ, кентӣ) – кумитаҳои инқилобӣ тасдиқ намуд. Чуноне ки Т.В. Каширина зикр менамояд, «барои муассисаҳои ҶМШС Тоҷикистон 1523 штати корӣ барои мансабҳои маъмурӣ муқаррар гардид»[211].

Бо омадани аъзоёни Кумитаи инқилобӣ ба пойтахт – ш. Душанбе, дар назди онҳо вазифаҳои таъхирнопазир меистоданд: оғоз намудани сохтмони сотсиалистӣ ва дигаргунсозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷумҳурии автономӣ, ташкил намудан ва такмили пайвастаи дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ ҳам дар сатҳи марказӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ.

Вазифаи муҳимми Кумитаи инқилобӣ ин дар дастгоҳи давлатӣ ба роҳ мондани коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ бо забонҳои миллии маҳаллӣ буд. Дар асоси ин, моҳи октябри соли 1925 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русиро забонҳои давлатии ҷумҳурӣ эълон намуд. Ҳамин тариқ забони тоҷикӣ сазовори мақоми забони расмӣ гардид.

Соли 1926 дар ҶМШС Тоҷикистон интихобот ба ҳайати Шӯроҳо доир гардид. Натиҷаи ин маъракаи интихоботӣ даъвати Анҷумани I-уми (муассисони) Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон гардид, ки кори худро 1 декабри соли 1926 оғоз намуд. Он эъломияи таърихиро оид ба ташкили ҶМШС Тоҷикистон қабул намуд.

Дар ин анҷуман бори аввал дуюмин мақоми олии намояндагии (пас аз анҷумани Шӯроҳо) ҳокимияти давлатӣ – Кумитаи иҷроияи марказии Шӯроҳо зери роҳбарии Нусратулло Махсум ташкил интихоб гардид. Ҳамзамон ҳукумат – Шӯрои Комиссарони Халқии (ШКХ) ҶМШС Тоҷикистон бо роҳбарии Абдулқодир Муҳиддинов интихоб гардид.

Муаллиф қайд менамояд, ки мақоми олии ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистон Анҷумани умумитоҷикии Шӯроҳо буд. Моҳи апрели соли 1929 Анҷумани II-юми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон баргузор гардид, ки ба рӯзномаи он масъалаи ҳамроҳ кардани округи Хӯҷанд ба ҶМШС Тоҷикистон гузошта шуд. Дар баробари инЮ Анҷуман ба КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон супориш дод, ки Конститутсияи ҷумҳуриро барои баррасӣ ва тасдиқ ба Анҷумани III-юми Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон пешниҳод намояд. Зимнан, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки Конститутсия бо вуҷуди ин қабул

[211] Каширина Т.В. Начало пути / Т.В. Каширина. –Душанбе: Ирфон, 1987. – С. 42.

шудааст[212], вале баъзе олимон чунин мешуморанд, ки танҳо лоиҳаи Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон қабул шудааст[213].

Моҳи октябри соли 1929 Анҷумани III-юми фавқуллодаи умумитоҷикии Шӯроҳои ҷумҳурӣ даъват карда шуд, ки дар он қарори тақдирсоз барои халқи тоҷик, яъне табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС қабул карда шуд. Муаллиф барои фаҳмидани он, ки ин табдилдиҳӣ чӣ тавр ба амал омадааст, дар параграфи оянда дар таҳлили муфассали фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии ҶМШС Тоҷикистон андешаронӣ мекунад.

Параграфи дуюми боби сеюм чунин ном дорад – **«Ташаккул ва фаъолияти Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) ва мақомоти идоракунии ҶМШС Тоҷикистон».** Дар он муаллиф ба таври муфассал раванди ташаккули мақомоти идоракуии давлатии ҶМШС Тоҷикистонро ҳанӯз пеш аз ба сифати ҷумҳурии автономӣ дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ба расмият даровардa шудани он баррасӣ мекунад. Ҳамин тариқ ӯ қайд менамояд, ки Президиуми КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон ва ҳукумати ҷумҳурӣ - Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) дар якум иҷлосияи Кумитаи иҷроияи Марказии Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон, ки 12 декабри соли 1926 баргузор гардид, итихоб шудад. Дар Анҷумани якуми Умумитоҷикии Шӯроҳо Шӯрои Комиссарони Халқии (ШКХ) (ҳукумат) ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. Он мақоми иҷроия ва роҳбарикунанда ҳисобида шуда, ба КИМ, Президиуми он ва Анҷумани Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда буд.

Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон аз 18 августи соли 1927 расман ин низоми ҳокимияти давлатии ҶМШС Тоҷикистонро, ки дар Анҷумани якуми муассисон ташкил шуда буд, қонунӣ гардонид.

Бар ақидаи муаллиф, дар ин давра дар ҶМШС Тоҷикистон кори фаъол оид ба тақсимоти марзӣ-маъмурии он оғоз ёфт. Бо ин мақсад бо қарори Президиуми КИМ аз 11 марти соли 1928, Комиссия оид ба тақсимоти ноҳияҳо таъсис дода шуд. 18 июни соли 1928, дар ҷаласаи навбатии комиссияи мазкур чунин қайд шуда буд: “Комиссия ворид намудани низоми ягонаи тақсимоти маъмуриро дар тамоми ҳудудҳои мамлакат ба округҳо, ноҳияҳо ва шӯроҳои маҳаллӣ (ғайр аз ВМКБ): ҳавза (округ), ноҳия ва шӯрои деҳа (ҷамоат) ба мақсад мувофиқ мешуморад” [214].

Моҳи сентябри соли 1929 Комиссия дар якҷоягӣ бо КИМ-и Ӯзбекистон дар

---

[212] Тахиров Ф.Т. Высшие органы государственной власти Таджикской АССР: дисс. канд. юрид. наук /Ф.Т. Тахиров. – Душанбе, 1971. – С.159.

[213]Николаев Ю.А. Укрепление органов государственной власти Таджикской АССР (1924-1929 гг.): дисс. канд. ист. наук / Ю.А. Николаев. – Сталинабад, 1953. – С.361.

[214] Мавлянов А. Представительные органы государственной власти Таджикистана в период строительства социализма /А. Мавлянов. – Душанбе, 1973. – С. 83.

кор оид ба ворид намудани округи Хӯҷанд ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон иштирок намуд. Дар байни худи ҳамон сол комиссияи тақсимоти ноҳияҳо аллакай ба амалӣ гардондани тадбирҳои ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон шурӯъ намуд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки КИМ-и Шӯроҳо ба муносибати ташкили ҶШС Тоҷикистон дар бораи даъвати сеюмин Анҷумани фавқуллодаи Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин қарор қабул кард. Анҷуман аз 15-ум то 19-уми октябри соли 1929 дар шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар анҷуман «Қарордод дар бораи ташкили ҶШС Тоҷикистон» қабул карда шуд. Анҷуман ба ҳукумат дар бораи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон супориш дод. 5-уми декабри соли 1929 КИМ-и ИҶШС дар бораи ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қарор қабул кард. «Ба ҳайати он Вилояи мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва округҳои Хӯҷанд, Ҳисор, Ғарм, Қурғон-теппа, Кӯлоб, Панҷакент шомил шуданд»[215]. Бо ташкили ҶШС Тоҷикистон ваколатҳои КИМ ҶМШС Тоҷикистон қатъ гардиданд. Қарор дар бораи ташкили Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ 7 декабри соли 1924 қабул карда шуд. Вазифаҳои он муайян карда шуданд: 1) барҳам додани бесаводии аҳолӣ; 2) тайёрии кадрҳо дар низоми маориф; 3) ташкили шуъбаҳои маориф дар маҳалҳо; 4) кушодани мактабҳои шӯравии нав дар деҳот ба ҷои мактабҳои кӯҳна ва нав; 5) чораандешӣ оид ба таълим ва маърифати занони тоҷик; 6) гузаронидани корҳои таблиғотӣ-тарғиботӣ ва фарҳангӣ-маърифатӣ байни аҳолӣ.

Моҳи марти соли 1925 дар ҷумҳурӣ Комиссариати халқии молия ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ҳайати он шуъбаҳои маъмурӣ-муҳосибӣ, даромад ва хароҷоти буҷет ташкил шуданд.

7 декабри соли 1924 дар ҷаласаи якуми Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд қарор дар бораи таъсиси Комиссариати халқии кишоварзии ҷумҳурӣ қабул карда шуд. «Комиссариати мазкур кори худро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ оғоз намуд, вақте ки аҳолӣ ба гуруснагӣ дучор шуда буд ва дар натиҷа шумораи бисёри одамон ба Афғонистон муҳоҷират карданд»[216].

Худи ҳамон рӯз дар бораи ташкили Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) қарор қабул карда шуд, ки «ба ҳайати он шуъбаи милитсия (сардор, нозири калон ва коргузор) ва шуъбаи хабсхонаҳо (сардор ва коргузор) шомил

---

[215] Ализода Б.П. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015 гг.) /Монография / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2021. – С.14.

[216] Ализода Б.П. Ташаккул ва фаъолияти Шӯрои комиссарони халқӣ ва мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон / Б.П. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. №2 (91), – Душанбе, 2021. – С. 238.

буд»[217]. Ба масъалаҳои ташаккул ва рушди милитсияи тоҷик корҳои диссертатсионии А. Ш. Розиқзода[218] ва Н. Ҷ. Назарова[219] бахшида шудаанд. Аз ин лиҳоз муаллиф дар кори худ ба таври муфассал баррасии ин масъаларо зарур нашуморидааст.

Ташкили ҳифзи саломатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар аввали соли 1924 оғоз ёфт. Табибони ҳарбӣ дар маҳалҳо бунгоҳҳои ҳарбӣ-шаҳрвандиро барои муоина ва муолиҷаи аҳолӣ кушоданд. Комиссари якуми тандурустӣ А.М. Дяков аввал табиби ҳарбӣ буд. Қарор дар бораи ташкили Комиссариати халқии нозироти коргарон ва деҳқонони ҶМШС Тоҷикистон 7 декабри соли 1924 қабул карда шуд. Роҳбарии Комиссариати халқии нозироти коргарон ва деҳқононро комиссари халқӣ ба уҳда дошт.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикргардида ба хулосаи зерин омадан мумкин аст: вазифаҳои соҳаи иқтисодиёт дар солҳои 1924—1929 хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, инчунин идораю муассисаҳои алоҳидаи ҶМШС Тоҷикистонро муайян карданд. Фаъолияти мақомоти дар боло зикргардида ба устуворнамоӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва тамоми низоми ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурӣ равона карда шуда буд.

Дар параграфи сеюм – **«Сиёсати давлатии тайёрии кадрҳо барои мақомоти идоракунии давлатии ҶМШС Тоҷикистон»** – муаллиф таъкид менамояд, ки самаранокии идоракунии давлатӣ дар навбати аввал аз сиёсати уҳдабаро ва мақсадноки кадрии давлат вобаста аст. Дар навбати худ, пас аз ташкил шудани ҶМШС Тоҷикистон ва таъсиси Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ, таъмини дастгоҳи давлатии шӯравӣ ва мақомоти идоракунӣ бо кадрҳои соҳибихтисос вазифаи муҳим гардид. Дар ҳамин ҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар канори аморати Бухоро ва ҶМШС Туркистон ташкил ёфта, марказҳои асосии фарҳангии тоҷикон берун аз ҷумҳурии автономӣ монданд. Дар маҷмуъ, иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ дар он давра нав ташаккул ёфтанро оғоз намуд. “Дар ин шароит аъзоёни Кумитаи инқилобӣ чунин меҳисобиданд, ки тоҷикикунонии дастгоҳи давлатӣ ин масъалаи наздикшавии он ба аҳолӣ мебошад.”[220] Дар маҳалликунонӣ-тоҷикикунонии кадрҳои хизмати давлатӣ нақши бузургро қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 18 октябри соли 1925 дар бораи гузаронидани коргузорӣ ба забонҳои маҳаллӣ бозид.

Муаллиф қайд менамояд, ки барои ҳалли масъалаи кадрӣ, моҳи декабри

---

[217] ЦГА Республики Таджикистан. Ф. 9. Оп. 1. Д. 208. Л. 34.

[218] Розикзода А.Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: дис. … д-ра ист. наук / А.Ш.Розикзода. –Душанбе, 2002. – 341 с.

[219] Назаров, Н. Дж. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана: 1917 – 2006 гг.: дис. … д-ра юрид. наук / Н. Дж. Назаров. – М., 2007. – 382 с.

[220] Ализода Б.П. История становления государственного управления в Таджикистане (1917-1929 гг.) /Монография / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2020. – С.130-132.

соли 1925 дар назди Президиуми Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Комиссия оид ба маҳалликунонии дастгоҳи давлатӣ таъсис дода шуд. Бо ташкили КИМ Комиссия ба салоҳияти он гузашт. Комиссия бо омодакунӣ ва воридкунии кадрҳои миллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ машғул буда, корро оид ба маҳалликунонии дастгоҳи давлатии шӯравӣ дар тамоми муассиса ва ташкилотҳои давлатии ҶМШС Тоҷикистон пеш мебурд. Дар ин ҷо гуфтаҳои таърихшиноси давраи шӯравӣ Т.В. Каширинаро овардан комилан бамаврид аст: «Маҳалликунонӣ натанҳо воситаи ҷалб кардани меҳнаткашони Тоҷикистон ба амалияи сохтмони давлатӣ, балки чораи тарбия, кӯшиши амалӣ гардонидани принсипи баробарии ҳуқуқии забонҳо дар идоракунии давлатӣ буд».[221]

Дар давраи таҳлилшудаи сохтмони давлатӣ, масъалаи муҳими хизмати давлатӣ ин омодасозии кадрҳо аз ҷумлаи занони маҳаллӣ буд. «Ҳамин тариқ аз соли 1927 то соли 1933 дар ҷумҳурӣ ба 52 342 нафар занон савод омӯзонида шуд»[222].

Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон оид ба омодасозии кадрҳои коргарони шӯравӣ ва ҳизбӣ вазифа гузошт. Бо ин мақсад моҳи феврали соли 1926, бо қарори Кумитаи инқилобӣ дар ш. Душанбе «Мактаби ҳизбии шӯравӣ» (Совпартшкола) таъсис дода шуд, ки дар он кадрҳои коргарони шӯравӣ ва ҳизбӣ тайёр карда мешуданд. Омодасозии коргарони шӯравӣ ва ҳизбӣ дар заминаи ин мактаби ҳизбӣ дар таъмини дастгоҳи давлатии ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳибихтисос накши муҳимро бозид. Қобили зикр аст, ки Мактаби ҳизбии шӯравӣ дар ш. Душанбе бо баъзе фосилаҳо то пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ дар соли 1991 арзи вуҷуд намуд.

Моҳи марти соли 1926 дар шаҳри Душанбе курсҳо оид ба омодасозии кадрҳо барои Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (НКВД) ва Комиссариати халқии тандурустӣ кушода шуд. Чуноне ки мутахассиси машҳур оид ба таърихи милитсияи тоҷик А.Ш. Розиқзода қайд менамояд, минбаъд “дар назди отряди милитсия дар шаҳри Душанбе мактаби милитсия барои ҳайати хурди командирон ва милитсионерони калон кушода шуд.”[223] Қобили зикр аст, ки курсҳои мазкур ҳам барои мақомоти милитсия ва ҳам барои ҳамаи мақомоти идоракунӣ хеле муҳим буданд, зеро дар низоми идоракунии комиссариатҳои халқии ҷумҳурӣ норасоии мутахассисон сахт ҳис карда мешуд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки масъалаи кадрҳо натанҳо бо омӯзиши шахсони дахлдор дар курсҳои кутоҳмуҳлат, балки бо даъвати омӯзгорон аз дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқ, фароҳам овардани шароити мусоид барои кор, фиристодани кадрҳои миллӣ барои таҳсил ба шаҳрҳои Москва ва

[221] Каширина Т.В. Начало пути / Т.В. Каширина. – Душанбе: Ирфон, 1987. – С. 47.
[222] Убайдуллоев Н. К. Историография народного образования Таджикистана (вторая половина XIX – первая половина XX вв.) / Н. К. Убайдуллоев. – Душанбе, 2016. – С. 232.
[223] Розикзода А.Ш. Становление милиции Таджикистана / А.Ш. Розикзода. – Душанбе, 2011, – С. 260.

Тошканд, ҷалб намудани омӯзгорони мактабҳои кӯҳна бо роҳи ташкил кардани курсҳои азнавтайёркунӣ барои онҳо, ҳал мешуд. Ҳамин тариқ, “дар давоми солҳои 1925-1926 ба Самарқанд ва Тошканд то 200 нафар барои таҳсил фиристода шуд. Агар соли 1926 дар ҶМШС Тоҷикистон танҳо 26 мактаб сохта шуда бошад, соли 1929 ин шумора ба 300 расид”[224].

Дар ин миён А. Ҳоҷибоев бо тайёрии кадрҳо аз ҷумлаи миллатҳои маҳаллӣ норозӣ буда, чунин таъкид менамуд: «Аз тамоми коркунони мақомоти марказии Тоҷикистон танҳо 16%-ро коркунони аҳолии маҳаллӣ ташкил медиҳанд ва аз ин 16% - 9%-аш тоҷикон мебошанд, 7%-и дигарашро намояндагони дигар миллатҳо ташкил медиҳанд, ки ин … норасоии калон мебошад».[225] Бешубҳа, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аз шумораи аҳолии маҳаллӣ дар низоми дастгоҳи давлатӣ ва ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурии автономӣ дар доираи 16%, воқеан, нишондиҳандаи хеле паст аст.

Дар Донишгоҳи далатии Осиёмиёнагӣ (ДДО) барои донишҷӯёни тоҷик 10% ҷойҳо дар факултетҳои кишоварзӣ, тиббӣ, шарқшиносӣ, физикаю математика ва ҳуқуқшиносӣ ҷудо карда мешуд. Қобили зикр аст, ки нақши ДДО дар тайёркунии кадрҳои миллии Тоҷикистон бузург аст. Бисёри арбобони барҷастаи ҳизбӣ ва давлатӣ дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм тарбиятгирандагони ин муассисаи олии таҳсилотии минтақавӣ буданд.

Кадрҳо барои мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ бо роҳи даъвати мутахассисон аз дигар ҷумҳуриҳои бародарӣ низ пурра карда мешуданд. Барои татбиқи ҳадафи мазкур бо қарори Раиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ҳанӯз 14 декабри соли 1924 Комиссияи махсуси аттестатсионӣ таъсис дода шуд, ки он бо интихоби мутахассисон барои кори минбаъда дар мақомоти идоракунӣ ва мақомоти давлатии ҶМШС Тоҷикистон машғул буд.

Қобили қайд аст, ки сиёсати ҳокимияти шӯравӣ оид ба тоҷикикунонии дастгоҳи давлатии ҶМШС Тоҷикистон ба беҳтаршавии фаъолият оид ба тайёр намудани кадрҳои миллӣ саҳми назаррас гузошта, ба орзуву омоли аҳолии ҷумҳурӣ, ки ба маърифатнокӣ ҷидду ҷаҳд дошт ва хуб дарк мекард, ки давлатро танҳо одамони соҳибмаълумот, ихтисосманди соҳаи худ идора карда метавонанд, ҷавобгӯ буд.

Ҳамин тариқ, ҳокимияти шӯравӣ ба масъалаҳои маърифатнокии оммаи васеи халқ аҳамияти калон медод, зеро маҳз дараҷаи маълумот ва шуурнокии одамон механизми асосии такмили иқтидори кадрӣ, рушд ва мустаҳкам

[224] ЦГА Республики Таджикистан. – Ф. 12. – Оп. 1. – Д. 16. – Л. 3
[225] Набиева М. А. Абдурахим Ходжибаев – видный политический и государственный деятель Таджикистана: дис. … канд. ист. наук / М.А. Набиева. – Худжанд, 2019. – С.68.

намудани мақомоти идоракунии давлатӣ ва тамоми ҷамъият дар маҷмуъ мебошад.

Боби чоруми тадқиқот – **«Ташаккул ва рушди низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929-1991)»** – аз се параграф иборат аст.

Дар параграфи якум – **«Ташаккул, рушд ва фаъолияти мақомоти олиии намояндагии ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон (1929-1991)»** – муаллиф тамоми ихтилофоти равандҳои дар сарлавҳаи параграф зикршударо мушоҳида мекунад.

Зикр мегардад, ки 16 июни соли 1929 Президиуми КИМ-и ИҶШС масъалаи табдилдиҳии ҶМШС Тоҷикистонро ба ҷумҳурии иттифоқӣ баррасӣ намуда, муҳокимаи масъалаи мазкурро дар Анҷумани Шӯроҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон саривақт ва зарур шуморид. 12 июли соли 1929 Президиуми КИМ-и ИҶШС ва 13 июли соли 1929 Президиуми КИМ-и ҶШС Ӯзбекистон дар бораи ташкили Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қарор қабул намуданд.

Ба рӯзномаи Анҷумани III-юми фавқуллодаи Шӯроҳо масъалаи баромадани ҶМШС Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон ва шомил гардидани он ба ҳайати ИҶШС гузошта шуд. Дар натиҷа, «16 октябри соли 1929 Анҷумани III-юми Умумитоҷикии фавқуллодаи Шӯроҳо қарорро (эъломияро) дар бораи табдилдиҳии ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон қабул кард»[226] ва ташкил шудани ҷумҳурии мустақили Тоҷикистонро дар ҳайати ИҶШС эълон намуд. Ба мисли анҷуманҳои Шӯроҳои пештара дар Анҷумани III-юми фавқуллода инчунин КИМ интихоб шуд, вале аллакай автономӣ не, балки аз Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон.

5 декабри соли 1929 КИМ-и ИҶШС қарорро «Дар бораи шомилшавии бевоситаи Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС» қабул кард. Ба ақидаи муаллиф, қарори мазкур барои таърихи идоракунии давлатии кишвар ва дар маҷмуъ таърихи навтарини Тоҷикистон аҳамияти муҳимтарин дошт. Ин дар он зоҳир мегардад, ки тоҷикон дубора соҳиби давлатдории худ гаштанд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки барасмиятдадории ҳуқуқии табдилдиҳии ҶШС Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ бо қабули Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон дар соли 1931 ба анҷом расид. 25 феврали ҳамон сол Анҷумани IV-уми Умумитоҷикии Шӯроҳо Қонуни асосии ҷумҳурии иттифоқиро тасдиқ намуд. Аз моҳи феврали соли 1931 то моҳи январи соли 1935 дар ҶШС Тоҷикистон ягон Анҷумани Шӯроҳои ҷумҳурӣ даъват карда нашуд. Вале бо вуҷуди он Анҷумани V-уми Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон ҳамчун мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ

---
[226] ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.12. – Оп. 1. – Д. 12а. – Л. 60.

баргузор гардид. Он аз 9 то 16 январи соли 1935 дар шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Маҳз дар анҷумани мазкур Конститутсияи Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ гардид.

Бо қабули Конститутсияи нави ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон анҷуманҳои Шӯроҳо барҳам дода шуда, интихобот ба КИМ бекор карда шуд. Аз ҷониби анҷуман қарор «Дар бораи интихобот ба Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон» қабул карда шуд. Қарори шабеҳ – дар бораи интихобот ба Шӯрои Олии ИҶШС дар Анҷумани охирини VIII-и Шӯроҳои ИҶШС соли 1936 пас аз тасдиқи Конститутсияи нав қабул карда шуд. Дар боби III Конститутсияи ИҶШС, дар моддаи 30 муқаррар гардида буд, ки «Мақоми олии ҳокимияти давлатии ИҶШС Шӯрои Олии ИҶШС мебошад».[227]

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, сарфи назар аз он ки Кумитаи давлатии мудофиаи ИҶШС ташкил карда шуд, Шӯрои Олии ИҶШС ҳамчун мақоми олии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро идома дод. Аз ин лиҳоз, бо чунин фикр, ки гӯё «ташкил шудани Кумитаи давлатии мудофиа 30 июни соли 1941 меъёрҳои конституциониро дар бораи пуррагии салоҳияти Шӯрои Олии ИҶШС муваққатан қатъ кард» [228] розӣ шудан мумкин нест.

Минбаъд муаллиф қайд менамояд, ки инкишофи ИҶШС дар маҷмӯъ ва хусусан инкишофи ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 60-70-уми асри гузашта, таҳаввулоти минбаъдаи мамлакат ва мақомоти идоракунии кишвар боиси қабули Конститутсияи (Қонуни асосии) нави ИҶШС дар соли 1977 гардид. Дар асоси он конститутсияҳои нави ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул шуданд. Конститутсияи (Қонуни асосии) нав дар Тоҷикистон дар иҷлосияи ҳаштуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, ки 14 апрели соли 1978 баргузор гардид, қабул карда шуд.

Дар солҳои бозсозӣ дар ҷамъияти шӯравӣ шароити гузариш ба низоми нави сиёсӣ ва давлатӣ ба вуҷуд омад. Дар охири солҳои 80-уми асри XX, дар натиҷаи воқеаҳои сиёсӣ ва тағйири Конститутсияи ИҶШС, ба сохтор ва тартиби фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти ҳам ИҶШС ва ҳам ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон тағйироти муҳим ворид карда шуд.

24 августи соли 1990 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид, ки дар он Эъломияи соҳибистиқлолии ҶШС Тоҷикистон, вале дар ҳайати ИҶШС қабул гардид.[229]

---

[227] Конституция (Основной Закон) Союза Советских Социалистических Республик //Хрестоматия по истории отечественного государства и права. – М.: Юрайт, 2014. – С. 317.

[228] Высшие представительные органы власти в СССР. – М.: Наука. 1969. – С. 30.

[229] Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан». // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.Ҷ.1. –Душанбе, 2004. – С.10-11.

.

Эъломияи мазкур ҳуҷҷати аввалин дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон буд.

Параграфи дуюми боби чорум **«Ташаккул ва рушди Ҳукумат ва мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929 -1991)»** ном дорад. Дар он муаллиф зикр мекунад, ки ташкили ҶШС-и мустақил ва соҳибихтиёри Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1929 ва инкишофи он дар солҳои минбаъда ба дигаргуниҳои қатъӣ дар низоми идоракунии ҷумҳурӣ ва азнавташкилшавии мақомоти олии ҳокимият ва идоракунӣ дар асоси Конститутсияи ҷумҳурӣ аз соли 1931 оварда расонд.

Мутобиқи моддаи 38 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳамчун мақоми олии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон – Шӯрои комиссарони Халқиро ташкил дод. Комиссариатҳои халқии иттифоқӣ-ҷумҳуриявии ҶШС Тоҷикистон, соҳаҳои ба онҳо супурдашудаи хоҷагии халқро роҳбарӣ мекарданд, ба мисли Комиссариатҳои халқии дахлдори иттифоқӣ-ҷумҳуриявии ИҶШС. Тибқи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ба Комиссариатҳои халқии ҷумҳуриявӣ комиссариатҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ, хоҷагии коммуналӣ, саноати маҳаллӣ, таъминоти иҷтимоӣ, нақлиёт ва хоҷагии роҳ дохил мешуданд.

Дар оғози Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, роҳбарияти олии кишвар барномаи васеи фаъолиятро таҳия намуд. 23 июни соли 1941 КМ ҲКУ(б) ва Шӯрои Комиссарони халқии ИҶШС дар бораи таъсиси мақоми муштарак оид ба роҳбарии қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС – Ситоди Фармондеҳии Олӣ ва васеъшавии ҳуқуқҳои Шӯрои комиссарони Халқии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барои сафарбарии қувваҳо ва воситаҳо ба ташкили муқовимат ба зидди агрессор қарор қабул карданд.

Бо мақсади ташкили мақоми олии ҳокимияти давлатӣ дар шароити вазъияти ҳарбӣ дар мамлакат, Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС, КМ ҲКУ(б) ва Шӯрои комиссарони Халқии ИҶШС 30 июни соли 1941 қарори якҷояро дар бораи ташкили Кумитаи давлатии мудофиа (КДМ) қабул карданд, ки дар он тамоми ҳокимияти гражданӣ ва ҳарбии ИҶШС нигаронида шудааст. Роҳбари КДМ И.В. Сталин таъин гардид. КДМ идоракунии давлатӣ, ҳарбӣ ва хоҷагидории ИҶШС-ро ба амал баровarда, ба он ваколатҳои фавқуллода дода шуда буд. Инчунин, барои мутобиқгардонии фаъолияти мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, бо Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 20 июни соли 1941 Комиссариати халқии амнияти давлатӣ (КХАД) ва Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) ба КХКД ИҶШС муттаҳид гардонида шуданд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки фиристодан ва ҷобаҷокунии таҷҳизот дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва омадани мутахассисони соҳибихтисос дар рушди саноати

хӯроквори ва сабуки ҶШС Тоҷикистон ҳам дар солҳои ҷангӣ ва ҳам дар солҳои баъдазҷангӣ нақши калидӣ бозиданд.

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Шӯрои Комиссарони халқии ҶШС Тоҷикистон хусусиятҳои ҷумҳуриро ба назар гирифта, бо мақсади беҳтар намудани сифати тайёрии ҷангии қувваҳои эҳтиётӣ барои Артиши Сурх аз сентябри соли 1942 «омӯзиши ҳатмии забони русиро ба шаҳрвандоне, ки аз тайёрии ҳарбӣ мегузаранду забони русиро намедонанд, дар ҳаҷми барномаи 90-соата ворид намуд».[230]

Моҳи майи соли 1944 дар иҷлосияи VII-уми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Комиссариати халқии иттифоқӣ-ҷумҳуриявии мудофиа ташкил дода шуд, ки он дар ташкили қисмҳои ҳарбӣ, таълимоти ҳарбӣ дар мактабҳо, техникумҳо, муассисаҳои олии таҳсилотӣ ва омодасозии кадрҳо барои эҳтиёти ҳарбӣ нақши муҳим бозид. Баробари ба охир расидани ҷанг ва кам шудани истеҳсолоти ҳарбӣ дар шаклҳои идоракунии хоҷагии халқ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Моҳи сентябри соли 1945 Кумитаи Давлатии Мудофиа барҳам дода шуд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар солҳои баъдазҷангӣ мақомоти иҷроияи роҳбарияти ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз нав номгузорӣ шуданд. Ҳамин тариқ Шӯрои Коммисарони Халқӣ ба Шӯрои Вазирони ИҶШС ва Шӯрои Комисаарони Халқии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мутобиқан ба Шӯрои Вазирони ҷумҳуриҳои дахлдор табдил дода шуданд. Мувофиқи ин тамоми комиссариатҳои халқии ҳам ИҶШС ва ҳам ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба вазоратҳо табдил дода шуданд. Дар маҷмуъ, чунин низоми идоракунии давлатӣ то қабул шудани Конститутсияи нави ИҶШС дар соли 1977 нигоҳ дошта шуд.

Чуноне, ки қаблан зикр шуда буд, нақши калидиро дар рушди давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ иқтидори кадрӣ мебозад, ки дар Тоҷикистон бо ин масъала мушкилиҳо вуҷуд дошт. Пленуми ноябри КМ ҲК Тоҷикистон (соли 1955), ки масъалаи кадриро баррасӣ намуд, камбудиҳои ҷиддие, ки дар ин соҳа ҷой дошт, ошкор намуд. «Пленум аз бюрои КМ, кумитаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ талаб намуд, ки ба амалияи зишти интихоб ва таъини кормандон аз рӯи аломати ҳамшаҳригӣ, муносибатҳои дӯстона ва садоқати шахсӣ хотима бахшида, диққати махсуси худро ба мустаҳкамкунии участкаҳои кори ҳизбӣ ва хоҷагидорӣ бо коргарони таҷрибадор ва корозмуда равона созанд».[231] Аз 14 то 25 феврали соли 1956 дар шаҳри Москва Анҷумани XX-уми Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шӯравӣ баргузор гардид, ки дар он қарор «Дар бораи

[230] История таджикского народа / Под ред. академика Р.М. Масова. Т. VI. (Новейшая история (1941-2010)). – Душанбе, 2011. – С. 86.
[231] История таджикского народа / Под ред. академика Р.М. Масова. Т. VI. (Новейшая история (1941-2010)). – Душанбе, 2011. – С.112.

рафъи парастиши шахсият ва оқибатҳои он» қабул карда шуд. Дар он таъкид шуда буд, ки парастиши шахсият ба табиати сохти сотсиалистӣ мухолиф буда, пешравии ҷомеаи шӯравиро ба сӯи коммунизм боз медорад.

5 декабри соли 1977, дар ИҶШС Конститутсияи охирини мамлакат қабул карда шуд. Конститутсияи (Қонуни асосии) ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, 14 апрели соли 1978 қабул гардид. Дар моддаи 99 он муқаррар гардида буд, ки мақоми олии ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон Шӯрои Олӣ мебошад. Чуноне ки мебинем, дар давоми зиёда аз 40 сол дар муайян намудани мақоми олии ҳокимияти давлатӣ на дар ИҶШС ва на дар субъектҳои он ягон тағйирот ба амал наомадааст.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри ХХ дар мамлакат «бозсозӣ» сар шуд. Тамоми соҳаҳои ҳаёт ба тағйироти ҷиддӣ дучор шуданд. Дар маҷмуъ равандҳои ислоҳоти тамоми соҳаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ пас аз Пленуми апрели КМ ҲКИШ соли 1985, ки дар он «бозсозӣ» эълон карда шуд, оғоз гардид. Самтҳои асосии татбиқи «бозсозӣ»-и давлати шӯравӣ бошад, дар қарорҳои Конфронси XIX-уми Ҳизби коммунистии ИҶШС ифода ёфтанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар он давра дар Тоҷикистон низ ислоҳот дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ оғоз ёфт. Дар натиҷаи ислоҳотҳои мазкур ва тибқи вазифаҳои нави давлат, мақомоти идоракунии давлатӣ низ ба табдилдиҳӣ дучор шуданд. Ҳамин тариқ, 1 декабри соли 1990 Қонун «Дар бораи такмили сохтори ҳокимияти иҷроия ва роҳбарикунандаи ҶШС Тоҷикистон ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон»,[232] ки рушди минбаъдаи ҷумҳуриро дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муайян намуд, қабул карда шуд. Боби 13 Конститутсия, ки пештар ба Шӯрои Вазирон бахшида шуда буд, тағйир дода шуд ва дар он шакли нави идоракунии давлатӣ – президентӣ муқаррар гардид.

Муаллиф ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки тағйирот ба санадҳои қонунгузорӣ хусусияти муттасил гирифт. Дар натиҷа дар Тоҷикистон бuҳрони ҳокимият ба вуҷуд омад. Маҳз дар ҳамин гуна шароит интихоботи умумихалқии президентӣ гузаронида шуд, ки албатта ба фаъолияти минбаъдаи ин институти давлатӣ таъсир расонид.

Дар маҷмуъ «бозсозӣ» ҳамчун падидаи бузурги ҷамъиятӣ, ки ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеаи шӯравиро фаро гирифта буд, боиси ҳодисаҳои хеле харобиовар гардид, ки ниҳоят ба пошхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ дар аввали солҳои 90-ум оварда расонд.

Параграфи сеюм – **«Фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар роҳбарии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ (1930 – 1990)»** – ба таҳлили масъалаҳои фаъолияти амалии мақомоти

[232] Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. – Душанбе, 1990. № 23. – Ст. 376.

ҳокимияти давлатии Тоҷикистон вобаста ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки дар Иттифоқи Шӯравӣ то соли 1928 тамоми масъалаҳои рушди хоҷагии халқи кишвар бо роҳи татбиқи ҳар гуна қонунҳо ва ё супоришҳои бевоситаи ҳукумати иттифоқӣ ҳал мешуд. Бори аввал XV Анҷумани ҲКУ(б) дастурро дар бораи тартиб додани нақшаи панҷсолаи рушди хоҷагии халқи ИҶШС барои солҳои 1928/29-1932/33 тасдиқ кард, ки он соли 1928 қабул шуд. Иҷроиши нақшаи мазкур барои ҳама ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳатмӣ буд.

Тибқи қарори КМ ҲКУ(б) аз 14 марти соли 1930 «Дар бораи мубориза ба муқобили тахрифи роҳи ҳизбӣ дар ҳаракати колхозӣ», сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон низ аз ҷониби Шӯрои комиссарони халқии ИҶШС ба танқиди сахт гирифтор шуд. «Тибқи маводҳои бойгонӣ, роҳбарони ҶШС Тоҷикистон дар коллективикунонии хоҷагии қишлоқ ва ташкил намудани колхозҳо ба иштибоҳ роҳ дода, кулакҳо ва унсурҳои бойҳоро дар ҷумҳурӣ дастгирӣ мекарданд».[233] Муаллиф бо арзёбии фаъолияти мақомоти олии ҳокимият ва роҳбарияти олии ҶШС Тоҷикистон дар давраи коллективикунонии хоҷагии қишлоқ, ки дар ҳуҷҷатҳои бойгониҳо дарҷ шудаанд, шинос шуда, ба хулосае меояд, ки бо онҳо розӣ шудан дар гумон аст, зеро маҳз дар он давра ҷумҳурӣ дар рушди хоҷагии қишлоқ ба муваффақиятҳо ноил гашт.

**Саноатикунонӣ дар шароити Тоҷикистон.** Тибқи нақшаи саноатикунонии Иттифоқи Шӯравӣ, Тоҷикистон бояд яке аз минтақаҳои асосии ашёи хоми мамлакат мешуд. Аз ин бармеояд, ки дар навбати аввал дар ҷумҳурӣ сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ пешбинӣ карда шуда буд.

Дар ҳамон давра дар Тоҷикистон саноати бофандагӣ, аз ҷумла кирмакпарварӣ, инкишоф ёфта, солҳои 30-юми асри XX дар шаҳри Хӯҷанд фабрикаҳо сохта шуданд ва соли 1936 дар шаҳри Сталинобод сохтмони калонтарин комбинати бофандагӣ дар ҷумҳурӣ оғоз гардид. «Дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон дар он давра даҳҳо заводу фабрикаҳо, инчунин неругоҳҳои барқӣ обӣ ва зерстансияҳои хурд ва миёна, ки 62,1 млн. кВт/соат қувваи барқ истеҳсол мекарданд, сохта шуданд»[234].

**Инқилоби маданӣ.** Яке аз вазифаҳои муҳимтарини сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ дар Иттифоқи Шӯравӣ ин ба амал баровардани инқилоби калони маданӣ буд, ки бояд тамоми ҷумҳуриҳои Иттифоқро фаро мегирифт. Мубориза бо бесаводӣ ҳанӯз солҳои панҷсолаи якум ба анҷом расида буд. Дар

---

[233] Государственный архив РФ. – Ф. 3316. – Оп. 28. – Д. 24. – Л.62.

[234] Хотамов Н.Б. История таджикского народа / Н. Хотамов, Д. Довуди, С. Муллоджонов, М. Исоматов. – Душанбе: Эр-граф. 2011. – С. 372.

натиҷа даҳҳо миллион одамон тавонистанд ба маданияти ҷаҳонӣ, ба дастовардҳои маънавии ниёгони худ ҳамроҳ шаванд.

Қобили зикр аст, ки дар Тоҷикистон солҳои 30-юми асри гузашта мушкилиҳои зиёде вуҷуд дошт, ки ба низоми таҳсилоти мактабӣ алоқаманд буд, бисёри мактабҳо барои ташкили раванди таълим шароити муқаррарӣ надоштанд.

Тибқи гуфтаҳои муаллиф, яке аз вазифаҳои асосии инқилоби маданӣ ин барҳам додани бесаводӣ буд, ки онро бояд комиссияи махсуси фавқуллодаи «Нест бод бесаводӣ» ҳал менамуд. Комиссияи мазкур бо мақсади барҳам додани бесаводӣ мактабҳоро барои калонсолон ташкил медод.

Табаддулоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар Тоҷикистон солҳои 30-юми асри XX гузашта буд, бо афзоиши босуръати иқтисодиёт ва сатҳи мадании оммаи меҳнаткашон ҳамроҳӣ карда мешуд. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон садҳо мактабҳои ҳафтсола, даҳсола, техникумҳо ва 4 муассисаи таҳсилоти олӣ кушода шуданд. 21 майи соли 1940 башад, Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Қонунро «Дар бораи гузариш ба алифбои кириллӣ» қабул намуд.

**Фаъолияти мақомоти олии ҳокимият дар иҷрои нақшаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ.** Тибқи моддаи 68 Конститутсияи ИҶШС, Шӯрои Вазирон уҳдадор буд оид ба татбиқи нақшаи рушди хоҷагии халқ ва иҷрои буҷети давлатӣ чораҳоро андешад. Мутобиқан, дар ҷумҳуриҳо низ амалҳои дахлдор тибқи талаботи маркази иттифоқӣ чораандешӣ мешуд. Ҳамин тариқ, дар маърӯзаи Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон А. Қаҳҳоров «Дар бораи нақшаҳо ва комёбиҳои бузург» қайд мегардид, ки «дар панҷсолаи дуюм маблағгузориҳо ба саноати ҷумҳурӣ 8 миллион сум ва дар панҷсолаи сеюм (соли 1938 — нимаи якуми соли 1941) 22,52 миллион сумро ташкил дод, яъне кариб 2,8 баробар афзуд.»[235].

16 августи соли 1941 Ҳукумати шӯравӣ қарорро дар бораи эвакуатсияи корхонаҳои саноатӣ аз хати фронт ба Поволже, Урал, Сибири Ғарбӣ, Қазоқистон ва Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон қабул кард. Тибқи қарори мазкур ба Тоҷикистон 27 корхонаи саноатӣ кӯчонида шуд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ (махсусан солҳои 60-ум) дар ҶШС Тоҷикистон дар соҳаи саноат муваффақиятҳои калон ба даст оварда шуд, соҳаи пахтакорӣ фаъолона тараққӣ мекард. Барои мувафақиятҳои дар рушди пахтакорӣ бадастоварда, Тоҷикистон бо муқофоти олии ҳукуматӣ – ордени Ленин сарфароз гардид. Ин хизмати бузурги котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон, академик Б Ғафуров мебошад, ки сиёсати ӯ дар соҳаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мулоҳизакорона ва бомуваффақ буд.

---

[235] ЦГА Республики Таджикистан. – Ф.18. – Оп.18. – Ед. хр. 44. – Л.71.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки солҳои 50-60-уми асри XX муваффақиятҳои иқтисодиёти сотсиалистӣ шароитро барои рушди босуръати фарҳанги халқи тоҷик мусоид сохт. Дар ҷумҳурӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ вазифаи дорои аҳамияти бузурги давлатӣ – барҳамдиҳии бесаводӣ ҳал шуда буд. Дар ҷумҳурӣ мутахассисони зиёди дорои таҳсилоти олӣ вам миёна кор мекарданд.

Дар ин давраи ҳокимияи шӯравӣ «дар Тоҷикистон даҳҳо рӯзномаҳо, маҷаллаҳои адабию махсус нашр мешуданд. Танҳо дар соли 1956 дар ҷумҳурӣ 3,5 миллион нусха китоб нашр шуд».[236]

Муаллиф қайд менамояд, ки дар таърихи Тоҷикистони Шӯравӣ солҳои 60-80-уми асри XX ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Маҳз дар ҳамин давра дар Осиёи Марказӣ НБО-и бузургтарини Норак сохта шуд. Соли 1966 Ҳукумати ИҶШС нақшаи таъсиси комплекси азими минтақавии истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубиро тасдиқ намуд. Гуфтан мумкин аст, ки то оғози бозсозии Горбачёв саноати Тоҷикистон ба қуллаи тараққиёт расида буд ва инро бисьёр маълумотҳои оморие, ки муаллиф дар кори худ овардааст, тасдиқ мекунанд.

**Тоҷикистон дар солҳои бозсозии ҷомеаи шӯравӣ.** Моҳи марти соли 1985 котиби генералии КМ ҲКИШ М.С. Горбачев шуд, ки дар Пленуми апрелии КМ ҲКИШ дар бораи сиёсати «бозсозӣ» эълон намуд. Ҳадафи асосии хати нави сиёсӣ аз вазъияти таназзул баровардани мамлакат буд. Дар ИҶШС ошкорбаёнӣ, худтаъминкунӣ ва худмаблағгузории корхонаҳо эълон гардид, вале ҳамаи ин тадбирҳо натиҷаи мусбат набахшиданд.

Моҳи феврали соли 1987 Анҷумани XXVII-уми ҲКИШ нақшаи охирини панҷсолаи рушди хоҷагии халқи ИҶШС-ро барои солҳои 1986-1990 қабул намуда, роҳҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро то соли 2000 муайян кард. Дар ин давра дар ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ пайдо шуданд, ки мақсади онҳо забти ҳокимият буд. Оқибати бозсозии беандешаи Горбачёв – қайд менамояд муаллиф, - пошхӯрии бузургтарин қудрати ҷаҳон – ИҶШС моҳи декабри соли 1991 гардид. Дар натиҷаи ҷараёни мазкур дар харитаи сиёсии ҷаҳон 15 давлати нави соҳибистиқлол пайдо шуд.

Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС муҳлати нисбатан кутоҳ буд, вале роҳи тайкардаи он ин шаҳодати рахшони қувваи ҳаётан бузурги сохтори давлатӣ ва ҷамъиятии шӯравӣ аст. Сарфи назар аз хатогиҳои гӯшношуниди тақсимоти миллӣ-ҳудудии соли 1924 ва репрессияҳои сиёсии солҳои 30-юм, дар солҳои баъдиҷангӣ то пошхӯрии

---
[236] Раджабов З.Ш. Таджикский народ в братской семье народов СССР. – Сталинабад, 1957. – С. 20.

Иттифоқи Шӯравӣ Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳо ба дастовардҳои бузург ноил гардид.

Боби панҷуми диссертатсия – **«Табодул (трансформатсия) ва рушди низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ (1991-2015)»** – аз се параграф иборат аст.

Дар параграфи якум – **«Табодули идоракунии давлатӣ дар шароити нави таърихӣ (1991-1994)»** – муаллиф силсилаи рӯйдодҳоеро, ки боиси тағйирот дар идораи давлатӣ ва фаъолияти мақомоти идоракунии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолияти кишвар шуданд, пайгирӣ мекунад.

24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул карда шуд. Ҳуҷҷати мазкур як навъ заминае барои истиқлолияти ҷумҳурӣ гардид ва аллакай 9 сентябри соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи ғайринавбатӣ Қарорро «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул кард. Рӯзи 9 сентябри соли 1991 дар таърихи навини халқи тоҷик рӯзи ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатии ҷумҳурӣ гардид.

Дар моддаи 1 Конститутсияи кишвар дар таҳрири нав муқаррар шуда буд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад». Аз ин бармеояд, ки Тоҷикистон бо эълон намудани истиқлолияти давлатӣ роҳи сохтмони давлати демократии ҳуқуқбунёдро пеша кард ва ин интихоби дуруст буд, зеро иродаи аксарияти аҳолиро инъикос мекард.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки дар ин давра дар ҷумҳурӣ чорабинии муҳими сиёсӣ — райпурсии умумихалқии Президенти мамлакат барпо гардид. Дар навбати худ интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ дар давраи табодули идоракунии давлатӣ – аз низоми хоҷагидории сотсиалистӣ ба иқтисоди бозоргонӣ дар назар дошт. Чунин табодулоте, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатро фаро мегирифт, ба кори дастгоҳи давлатӣ ва сохтори он таъсир нарасонда наметавонист. Вале тамоми ин дигаргуниҳо комилан табиӣ буданд, онҳо талаби замон буданд. Дар натиҷа шумораи сохторҳои давлатӣ ду маротиба коҳиш ёфт.

Минбаъд муаллиф қайд менамояд, ки дар аввали моҳи майи соли 1992 вазъи сиёсии Тоҷикистон ба ҳадди ниҳон расид. Роҳбарияти олии мамлакат дар шароити нави таърихӣ наметавонист қувваҳои сиёсии ҷамъиятро бо мақсади устуворкунии тартиботи ҳуқуқӣ муттаҳид созад. Иштибоҳи асосии роҳбарияти кишвар дар он буд, ки дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввали

ташаккули истиқлолият қуввахои мусаллаҳ таъсис дода нашуданд, ки дар ҳолатҳои фавқулодда манфиатҳои давлату мардумро ҳимоя карда тавонанд.

Бо мақсади боздошти ин муқовимат аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар "Қасри Арбоб"-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ – дар он давр мақомоти олии қонунгузорӣ ва намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ оғоз намуд. Дар ин иҷлосия бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар як вақт инчунин сарвари давлат ҳисоб меёфт, Эмомалӣ Раҳмонов интихоб гардид. Шакли идоракунии президентӣ дар ҷумҳурӣ мувақаттан боздошта шуда буд. Мутобиқан қисми зиёди ваколотҳои Президент ба Парламент, Президиуми Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардиданд.

Роҳбарияти Тоҷикистон бо мақсади мувозинати пурраи вазъият кӯшиш намуд, ки мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ ва низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳамаҷониба мустаҳкам намояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи қабули Конститутсияи нави кишвар моҳи ноябри соли 1994, дар низоми идоракунии давлатӣ дигаргуниҳои назаррасе ба амал омаданд. Тибқи ислоҳоти конститутсионӣ, қисми ваколотҳои Шӯрои Олӣ ба сарвари давлат – Президент, ки ҳам сарвари давлат ва ҳам раиси ҳокимияти иҷроия – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шуд, гузашт. Барои идоракунии самараноки мамлакат дар шароити истиқлол мақомоти нави идоракунӣ дар низоми ҳокимияти иҷроия таъсис дода шуд.

Дар параграфи дуюми боби панҷ – **«Рушди низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мустаҳкамкунии давлатдорӣ (1994-2015)»** – масъалаҳое, ки ба гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ алоқаманданд, аз ҷумла мустаҳкамкунии давлатдорӣ дар шароити соҳибихтиёрии давлат, баррассӣ гардиданд.

Бо қабули Конститутсияи Тоҷикистон соли 1994, зикр мекунад муаллиф, идоракунии давлатӣ заминаи басо устувори меъёрӣ-ҳуқуқиро пайдо кард. Ин ҳолат замина барои ислоҳоти минбаъдаи натанҳо идоракунии давлатӣ, балки дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ гардид. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, талаби ҷаҳони имрӯза, сиёсати берунаи бисёрсамта ва манфиатҳои геосиёсии давлат такмили мунтазами фаъолияти мақомоти идоракунии мамлакатро талаб мекунанд. Ҳамин тариқ дар моддаи 48 Конститутсияи Тоҷикистон зикр гардидааст, ки «мақоми намояндагӣ ва қонунгузории ҳокимияти давлатӣ Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [237].

Рушди минбаъдаи идоракунии давлатӣ ва мустаҳкамкунии давлатдорӣ

---

[237] Конституция Республики Таджикистан. –Душанбе, 2003. – Ст. 48.

дар Тоҷикистон бо истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон алоқаманд буданд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо ва мулоқотҳои дуру дароз дар сатҳи олӣ бо мухолифини муттаҳидаи тоҷик 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расонида шуд. Дар оянда бо пешниҳоди Комиссияи оштии миллӣ консепсия таҳия гашт, ки дар он тағйироте, ки ба Конституцияи ҷумҳурӣ пешнидод карда шуда буд, ифода ёфт. Дар натиҷа раъйпурсии умумихалқӣ баргузор гардид, ки тибқи натиҷаи он бори нахуст дар таърихи Тоҷикистон Маҷлиси дупалата таъсис дода шуд (сентябри соли 1999), ки барои рушди парламентаризм дар давлатдории тоҷикон замина муҳайё намуд .

Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1999 ва 2003 ворид карда шуда буданд. Ба туфайли онҳо заминаи воқеӣ барои демократикунонии тамоми ҳаёти ҷомеа ва ташаккулу рушди институтҳои дахлдори ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд.

Муаллиф махсусан қайд менамояд, ки яке аз омилҳои муҳими сулҳу суббот ва рушду ободонӣ маҳз такмили доимӣ ва асосноки низоми идоракунии давлатӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ба мустаҳкам намудани давлатдорӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Бо мақсади мутассилӣ, мураккабӣ ва эътибор ба ҷараёни гузаронидан ва татбиқи ислоҳот, пурзӯр намудани тамаркузи ҳамоҳангшудаи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва такмили низоми идоракунии давлатӣ 15 марти соли 2006, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст. Чуноне ки мутахассисон қайд менамоянд, “санади мазкур ҳуҷҷати бунёдие мебошад, ки нақшаи чорабиниҳои давлатро оид ба ислоҳоти идораи давлатӣ то соли 2015 муайян кардааст”[238]. Татбиқи Стратегия ба фаъолияти устувор ва баландшавии самаранокии низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд.

Муаллиф диққатро ба он ҷалб мекунад, ки дар шароити муосир давлатдории миллӣ, ки яке аз бахшҳояш идоракунии давлатӣ мебошад, дар ҳар ҳол таъсири равандҳои ҷаҳонишавиро дар худ таҷриба мекунад, ки ба соҳибихтиёрии давлат таҳдид мекунанд. Ба ақидаи муаллиф, ба онҳо донишу заковат ва умуман захираҳои инсонӣ, ки яке аз арзишҳои серталабтарин дар соҳаи идоракунии давлатӣ мебошанд, муқовимат карда метавонад. Танҳо бо роҳи баланд бардоштани сатҳи сармояи инсонӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ дигаргуниҳои сифатан бехтар ба даст овардан мумкин мешавад.

---

[238] Государственная служба в Республике Таджикистан / Г. Дж. Касимов, Х. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Б. П. Ализода. – Душанбе: Офсет, 2012. – С.73.

Дар параграфи сеюми боби панҷ – **«Ташаккул ва рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир (1991-2015)»** – муаллиф масъалаҳои ташаккул ва рушди хизмати давлатиро ҳамчун механизми татбиқи идоракунии давлатӣ дар шароити соҳибихтиёрии Тоҷикистон таҳлил намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки ташаккули хизмати давлатӣ дар фаҳмиши муосири он, бо таърихи муосири давлатдории тоҷикон зич алоқаманд аст. Институти хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими ҳуқуқии худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 27) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» гирифтааст.[239]

Ҳангоми ташаккули низоми муосири идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҷумҳурӣ, ба таҳия ва қабули заминаи нави меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа диққати махсус дода мешуд. Дар натиҷа 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" қабул шуд, ки барои ташкил ва фаъолияти хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти низоми муосири хизмати давлатӣ, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатӣ (айни ҳол Агентӣ) дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пас аз 1 сол Институти такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар заминаи Институт соли 2013 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он баъдан дар моҳи феврали соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Имрӯзҳо Академияи мазкур маркази муҳими омодасозии кадрҳо барои мақомоти идоракунӣ ва инчунин маркази такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кадрҳои хизмати давлатӣ мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" дар таҳрири нав, ки бо назардошти меъёрҳо ва таҷрибаи байналмилалӣ таҳия гаштааст, 5 марти соли 2007 қабул шудааст.[240] Қонуни мазкур як навъ заминаи воқеии ислоҳоти хизмати давлатӣ гардид.

Бо мақсади татбиқи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ва таъмини шароити мусоиди ташкилӣ-ҳуқуқӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст,

---

[239] Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» от 13 ноября 1998 г. // Ведомости Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1998. № 22. – С. 97.

[240] Закон Республики Таджикистан «О Государственной службе». №233, от 5 марта 2007 г. (с изменен. и дополнен.) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007. № 7. – Ст. 166.

ки чӣ пештар ва чӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ масъалаи кадрҳо махсусан тезу тунд аст. Аз ин лиҳоз, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои рушдкарда дар ин самт дар ҷумҳурӣ Консепсияи сиёсати далатии кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид. Он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.[241]

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди ҷомеаи муосир, дар назди давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳими тарбияи насли нави хизматчиёни давлатӣ, ки дорои донишу ҷаҳонбинии васеанд ва ба талаботи идоракунии муосири давлатӣ ҷавобгӯ мебошанд, истодааст. Ҳалли масъалаи мазкурро муаллиф дар рушди боз ҳам фаъолтари низоми тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ мебинад. Иҷрои шарти мазкур ба таври назаррас ҷиддияти масъаларо, ки ба сиёсати давлатии кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, кам мекунад.

Бо мақсади баланд бардоштани вазъи мақоми ваколатдори хизмати давлатӣ – Раёсати хизмати давлатӣ ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ҳамаи ин яке аз аломатҳои диққати махсуси Пешвои миллат ба низоми хизмати давлатӣ мебошад.

Ба ақидаи муаллиф, фаъолияти низоми хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон бояд басо шаффоф бошад, дар он ҳисоботдиҳӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад ва ҳар як иштирокчии низоми мазкур бояд барои ҳамаи амалҳои иҷронамудааш масъулият ҳис намояд.

Дар хулосаи кор натиҷаи тадқиқот ва тавсияю пешниҳодҳои муаллиф оид ба сифатан беҳтар намудани фаъолияти дастгоҳи давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ баён карда шудаанд.

# ХУЛОСА

## I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таҳқиқи равандҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон муаллифро ба хулосаҳои зерин овардааст:

1. Дар таърихнигории ватании давраи шӯравӣ ва давраи муосир ба омӯзиши чунин соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ба монанди идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Тоҷикистон, ки фаъолияти ҳаётии давлат ва ҷамъият бештар ба онҳо вобаста аст, диққати зарурӣ дода намешуд.

[241] Концепция государственной кадровой политики Республики Таджикистан, утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 г.

2. Дар аввали солҳои 20-уми асри XX, бо барпо намудани ҳокимияти шӯравӣ ташаккули давлатдории тоҷикон – дар доираи ҶМШС Туркистон ва ҶХШБ шурӯъ шуд. Аз ин лиҳоз, ташкил шудани Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухороро моҳи октябри соли 1920 бояд нуқтаи сарҳисоби давлатдории тоҷикони давраи навин ҳисобид.

3. Якумин Конститутсияи тоҷиконро на Конституцияи ҶШС Тоҷикистон аз соли 1929, балки Конституцияи ҶХШБ-ро аз соли 1921 ҳисобидан лозим аст. Он низоми идоракунӣ ва муносибатҳои ҳуқуқиро дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ) муқаррар менамуд ва аз ин рӯ онро якумин Конститутсияи тоҷикон ҳисобидан мумкин аст.

4. Дар соли 1924, дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна Ҷумҳурии Автономии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил шуд. Якумин бор халқи тоҷик дар таърихи навин барои ташкили давлати худ қадами ҷиддӣ кард. Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС ба ҳайси ҷумҳури баробарҳуқуқ шомил карда шуд. Дар баробари ин, дар вақти таъсиси ҶМШС Тоҷикистон қисми зиёди ҳудудҳои таърихии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он монд - шаҳрҳо ва марказҳои мадании асосии тоҷикон ба ҳайати автономия дохил карда нашуданд, ки ҳамагӣ 1/5 ҳиссаи Тоҷикистони таърихӣ – ҳудуди иқомати тоҷиконро ташкил медод.

5. Анҷумани якуми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёриро, ки ба таври куллӣ ба низоми идоракунии ҷумҳурӣ таъсир расонид, қабул кард. Таъсири онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон на танҳо дар давраи мавҷудияти автономия, балки дар вақти гирифтани мақоми ҷумҳурии иттифоқӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

6. Таҷрибаи ҶМШС Тоҷикистон дар соҳаи ташкил ва инкишофи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ бо табдилдиҳии он ба ҷумҳурии иттифоқӣ дар ҳайати ИҶШС (16 октябри соли 1929) дар ҶШС Тоҷикистон ҳам солҳои 30-юми асри XX ва ҳам дар даҳсолаҳои минбаъда истифода бурда шуд.

7. Рушди фаъоли иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар натиҷаи барпо шудани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон ин намунаи фаъолияти самараноки мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ мебошад.

8. Дар давраи ҳокимияти шӯравӣ, яке аз самтҳои муҳими рушди Тоҷикистон ин сохтмони маданӣ буд: ташаккули шароит барои фаъолияти илми муосир, омодасозии мутахассисони соҳибихтисос, баланд бардоштани сатҳи маълумоти умумӣ ва мадании шаҳрвандон, дастгирии адабиёт ва санъати миллӣ. Муваффақиятҳои ноилгаштаи ҷумҳурӣ дар ин самт ин натиҷаи кори гузаронидаи бузурги Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон мебошад.

9. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ба ташкил шудани Кумитаи Давлатии Мудофиаи (КДМ) ИҶШС нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон, ба мисли дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, мақомоти худии ҳокимият ва идоракунӣ фаъолиятро давом медод. КДМ дастгоҳи идоракунии махсуси худро ташкил накарда, қарорҳои худро ба воситаи мақомоти давлатӣ ва ҳизбии мавҷудбуда ба амал мебаровард. Дар тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, КДМ ваколатдорони худро дошт, мақомоти ҳокимияти давлатии ҶШС Тоҷикистон бошад дар доираи ваколатҳои худ фаъолият мекарданд.

10. Тоҷикистон дар солҳои 60—80-уми асри XX дар рушди хоҷагии қишлоқ, саноат ва маданият муваффақиятҳои калон ба даст овард. Давраи советӣ ин солҳои саноатикунонии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад, ки дар доираи стратегияи қабулкардаи мақомоти олии ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ самаранок татбиқ гардид.

11. Нақши калидиро дар низоми идоракунии давлатӣ дар тамоми давраҳо кадрҳои баландихтисос мебозиданд. Технологияҳои интихоб ва омодасозии кадрҳо ин унсури муҳими сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунӣ мебошад, ки ба сифат ва самаранокии қарорҳои идоракунии қабулмешуда ва татбиқи онҳо дар амал таъсир мерасонад. Дар солҳои охир раванди ташкил ва гузаронидани озмунҳо барои ишғоли вазифаҳои маъмурии давлатӣ ба шарофати фаъолияти хуб ба роҳ мондашудаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам самаранок гардид. Аммо барои касбомузии дастгоҳи кадрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо муносибати меритократиро ҷорӣ намудан лозим аст.

12. Сатҳи муосири рушди технологияҳои иттилоотии рақамӣ масъалаи тезонидани ташаккул ва рушди «ҳукумати электронӣ»-ро дар Тоҷикистон бо гузариши минбаъда ба рақамикунонии иқтисодиёт ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фаъол мегардонад. Татбиқи масъалаи мазкур анҷом додани раванди ташкили сомонаҳои идоравиро на танҳо дар сатҳи мақомоти марказию маҳаллӣ ва ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, балки дар сатҳи ҷамоатҳо (мақомоти худидораи маҳаллӣ) низ тақозо мекунад. Инчунин гузаронидани гардиши ҳуҷҷатҳоро ба шакли электронӣ байни мақомоти давлатӣ, байни мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон, байни давлат ва шаҳрвандон зарур аст.

13. Айни ҳол дар бисёри давлатҳо мақомоти худидоракунӣ (мунитсипалитетҳо) буҷети худро доранд, маблағгузории фаъолияти худ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро дар маҳалҳо таъмин месозанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шуданд. Барои татбиқи самараноки ҳадафи мазкур ва таъминоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мақомоти худиракунии

шаҳраку деҳот (ҷамоатҳо) аҳамияти калонро ҳалли масъалаи ташаккули буҷети онҳо дорад.

14. Қонун «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз соли 2009 ташаккули буҷетро дар сатҳи ҷамоат пешбинӣ менамояд. Ба мақоми ваколатдор – Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта механизми татбиқи ин қонунро таҳия намояд. Буҷеткунонии мақомоти маҳаллии худидоракунӣ (ҷамоатҳо) барои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон замина фароҳам меорад.

15. Ҷаҳонишавӣ ва сиёсати эълоннамудаи «дарҳои кушод»-и Тоҷикистон, онро талаб мекунанд, ки фаъолияти дастгоҳи идоракунии давлатӣ аз мавқеи илмӣ бо назардошти дастовардҳои муосир дар ин соҳа асоснок карда шавад.

16. Давлати тоҷик бояд ба низоми муосири идоракунии давлатӣ, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ буда, ба манфиатҳои ҷамъият хизмат мекунад, асос ёбад. Ба асоси он бояд таҷрибаи пешқадами муосири идоракунӣ ва афкори пешқадами илмӣ дар соҳаи идоракунии иҷтимоӣ гузошта шаванд. Инчунин зарур аст шароитро барои ҷустуҷӯи озоди қарорҳои муносиби идоракунӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ фароҳам овард.

Таърихи ҷомеаи башарият ва таърихи сохтмони давлатӣ дар марҳилаҳои гуногун собит месозад, ки яке аз омилҳои муваффақи рушди давлат ин ташкили мақомоти самараноки идоракунӣ ва такмили пайвастаи фаъолияти онҳо мебошад.

## II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Хулосаҳое, ки муаллиф дар натиҷаи тадқиқот ба даст овардааст, имкон медиҳад, ки таҷрибаи таърихии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили низоми идоракунии давлатӣ аз нав таҷдиди назар карда шаванд. Баъзе муқаррароти дар рафти тадқиқот баёнгардида метавонанд дар амалияи фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Ин махсусан ба шарте, ки талаботи нави таърихие, ки аз замони ба даст овардани истиқлолият дар назди ин мақомот гузошта шудааст, дуруст аст.

2. Мақомоти назоратии давраи шӯравӣ зуҳуроти манфиро дар ҷомеа ва дастгоҳҳои ҳизбӣ ва шӯравии идоракунӣ бо самар решакан мекарданд. Таҷрибаи онҳоро ба назар гирифта, ба мақсад мувофиқ аст, ки тамоми мақомоти назоратиро дар ҳайати вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва кумитаҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ягона – Кумитаи назорати ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид кард. Кумита бояд ҳамчун мақоми ҷамъиятии назорат амал кунад. Инчунин мумкин аст

амалияи гузаронидани «назорати халқӣ»-ро бо иштироки ветеранҳои мақомоти идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони софдилу босалоҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз нав ҷорӣ намуд.

3. Ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст боби махсус, ки ба сохтор ва вазифаҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бахшида шудааст, ворид карда шавад. Муҳим аст вазифаҳои ҳокимияти намояндагӣ ва иҷрои дар маҳал ҷудо карда шавад.

4. Масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иктисодии мамлакат ин такмил додани сохтори мақомоти идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мебошанд. Барои расидан ба ҳадафи мазкур бояд низоми тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кормандони роҳбарикунандаи мақомоти идоракунии давлатӣ ва низоми интихоби номзад ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурӣ бо принсипи меритократӣ такмил дода шавад.

5. Сатҳи муосири рушди технологияҳои иттилоотии рақамӣ масъаларо дар бораи тезонидани ташаккул ва рушди «ҳукумати электронӣ»-ро дар Тоҷикистон бо гузариши минбаъда ба рақамикунонии иқтисодиёт ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба миён мегузорад. Татбиқи масъалаи мазкур анҷом додани раванди ташкили сомонаҳои идоравиро на танҳо дар сатҳи мақомоти марказию маҳаллӣ ва ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, балки дар сатҳи ҷамоатҳо (мақомоти худидораи маҳаллӣ) низ талаб мекунад. Инчунин раванди гардиши ҳуҷҷатҳоро байни мақомоти давлатӣ дар хати амудии ҳокимият, байни сохторхои давлатӣ ва соҳибкорӣ, байни давлат ва шаҳрвандон такмил додан, яъне онро ба шакли электронӣ гузаронидан зарур аст.

6. Барои таъминоти рушди самараноки иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мақомоти худироракунии шаҳраку деҳот (ҷамоатҳо) зарур аст масъалаи ташаккули буҷети онҳо ҳал карда шавад. Қонун «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз соли 2009 ташаккули буҷетро дар сатҳи ҷамоат пешбинӣ менамояд. Ба мақоми ваколатдор – Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта механизми татбиқи ин қонунро таҳия намояд.

7. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ дастовардҳои беҳтарини онро дар амалияи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) ҷорӣ намуда, онҳоро ба талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонидан зарур аст. Рушди минбаъдаи устувори мамлакати мо ва некуаҳволии халқ аз рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мадании мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот (ҷамоатҳо), ҳамчун мақомоти ба аҳолӣ наздик вобаста аст.

8. Зарур аст, ки фаъолияти Маркази тадқиқоти стратегӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатӣ, ки дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис

ёфтааст, ба таври назаррас фаъол гардонида шавад. Муассисаҳои илмии мазкур дар кори худ бояд ба масъалаҳои такмил додани сохтори ташкилӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти дастгоҳи давлатӣ бештар диққат диханд. Бо ин бархӯрд идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва талаби ҷаҳони муосир ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ хоҳад буд.

**МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ГАРДИДААНД:**

**Монографияҳо**

[1.А]. Ализода Б.П. История становления государственного управления в Таджикистане (1917-1929) [Текст] / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2020. – 180с.

[2.А]. Ализода Б.П. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015) [Текст] / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2021. –200с.

**Васоити илмӣ-методӣ, китобҳо ва фаслҳо дар китобҳо:**

[3.А]. Хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Ҷ. Қосимов, Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Б.П. Ализода. – Душанбе: «Офсет», 2012. –168с.

[4.А]. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: ташаккул ва рушд / А.Д. Ғафурзода, Г.Ҷ. Қосимзода, Ҷ. Н. Ҷамшедов, Х. Нуриддинов, К. Искандаров, Б. П. Ализода ва диг. – Душанбе, 2019. - 224с.

[5.А]. Ализода Б.П. Одоби касбӣ ва муоширати хизматчии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода. – Душанбе, 2005– 61с.

[6.А]. Ализода Б.П. Маводи таълимӣ аз таърихи халқи тоҷик ва ҷаҳон [Матн] /М. Исоматов, Б.Ализода. – Душанбе: «Маориф», 2000.-120 с.

[7.А]. Ализода Б.П. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода, А. Абдухолиқов, Қ. И. Искандаров, А.С. Ниёзов, Ҳ. Нуриддинов. – Душанбе, 2010. – 227с.

[8.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои маърифати экологӣ ва омӯзиши экологӣ дар доираи Конвенсияҳои Рио. (Дастур барои хизматчиёни давлатӣ) [Матн] / Б. П. Ализода, С. Ҳ. Қодиров. – Душанбе, 2010. – 173 с.

[9.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои маърифати экологӣ ва омӯзиши экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б. П. Ализода, С. Ҳ. Қодиров. – Душанбе, 2010. – 86 с.

[10.А]. Фарҳанги истилоҳоти хизмати давлатӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода, Д.К. Дустов, Ҷ. Шарифов ва дигарон. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 254 с.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва интишороте, ки дар номгӯйи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқгардида нашр гардидаанд:**

[11. А]. Ализода Б.П. Марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони навин [Матн] / Б.П. Ализода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №3/7(214). – Душанбе: Сино, 2016. – С.10-15.

[12. А]. Ализода Б.П. Система государственного управления в Республике Таджикистан: становление и развитие [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №3/7 Қисми1(2017). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2017. – С.92-97.
[13.А]. Ализода Б.П. Такмили идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ). ISSN 2219-5408 №5(72) – Душанбе, 2017. – С.233-237.
[14.А]. Ализода Б.П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар оғози бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №6 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.63-67.
[15.А]. Ализода Б.П. Рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ). ISSN 2219-5408 №4(76), 2018. – Душанбе, 2018. – С.241-247.
[16.А]. Ализода Б. П. Аз таърихи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №8 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.57-61.
[17.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар замони истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №9 (2018). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2018. – С.63-68.
[18.А]. Ализода Б.П. Аз таърихи низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар дар замони Шӯравӣ ва оѓози замони Истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №9 (2018). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. – С.101-105.
[19.А]. Ализода Б.П. Таҳаввули ташаккули низоми идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №1 (2019). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. – С.84-88.
[20.А]. Ализода Б.П. Ташаккули мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №6(83), 2019. – Душанбе, 2019. – С.217-222.
[21.А]. Ализода Б.П. Ценный документ государственности Ariyānām Xšaçam– «Арийской империи» [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№1 (2020). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – С.69-74.

[22.А]. Ализода Б.П. Масъалаҳои ташаккул ва рушди мақомоти идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№3 (2020). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С.43-47.
[23.А]. Ализода Б.П. Таҳаввули низоми идоракунии давлатӣ дар кишвари Туркистон дар охири асри XIX-ибтидои асри XX [Матн] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №1(84), – Душанбе, 2020. – С.207-211.
[24.А]. Ализода Б.П. Государственное управление в Таджикистане: становление, реформа и совершенствование [Текст] / Б.П. Ализода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/№9 (2020). – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С.35-40.
[25.А]. Ализода Б.П. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир – ҳуҷҷати арзишманди давлатдории аҳди бостон [Матн] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/. №3 (43). – Душанбе, 2019.– С.45-53.
[26.А]. Ализода Б.П. Из истории становления и развития государственного управления на территории исторического и современного Таджикистана [Текст] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651/ №4/2 (49). – Душанбе, 2020. – С.261-271.
[27.А]. Ализода Б.П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №4 (48). – Душанбе, 2020. – С.57-64.
[28.А]. Ализода Б. П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ дар кишвари Туркистон[Матн] / Б.П. Ализода. //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2074-1847/ №4 (44). – Душанбе, 2019. – С.19-27.
[29.А]. Ализода Б.П. Ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода //Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651(Print) ISSN 2709-8567(Online), / №1 (50). – Душанбе, 2021. – С.157-163.
[30.А]. Ализода Б.П. Ташаккул ва фаъолияти Шӯрои комиссарони халқӣ ва мақомоти идоракунии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ). ISSN 2219-5408 №2 (91). – Душанбе, 2021. – С. 221-226.
[31.А]. Ализода Б.П. Ташаккул ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Б. П. Ализода. // Муаррих. – Душанбе, 2021. № 3 (25) – С.77-83. ISSN 2789294-8.
[32.А]. Ализода Б.П. Такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Қ. Искандаров, Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). ISSN 2664-0651(Print) ISSN 2709-8567(Online), №4/1 (53). – Душанбе, 2021. – С.177-183.

**Осоре, ки дар интишороти дигар нашр гардидаанд:**

[33.А]. Ализода Б.П. Ҷанбаҳои этикии идоракунии давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ (маҷаллаи илмӣ).–Душанбе, 2006. №3.- С.95-106.

[34. А]. Ализода Б. П. Таърихи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар аҳди бостон [Матн] Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ(маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2007. №3.– С.30- 42.

[35.А]. Ализода Б.П. Перспективы развития информационных технологий и информатизации госслужбы [Текст] / Б.П. Ализода, М. Т. Абдиева. // Вестник Академии управления при Президенте Кыргызской Республики. – Бишкек, 2008. №7. – С. 84-91.

[36.А]. Ализода Б.П. Сарварии сиёсӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии ҶТ (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе, 2009. №1. – С. 29-36.

[37.А]. Ализода Б.П. Интихобот ва технологияҳои муосири маъракаи интихоботӣ [Матн] / Н.А. Ғафорова, Б. П. Ализода // ДТИХД ҶТ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, №3, 2009. – С.21-33.

[38.А]. Искандаров Қ. Таълимоти Имоми Аъзам дар бораи давлат ва давлатдорӣ [Матн] / Қ. Искандаров, Б.П. Ализода // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе, 2010. №1(13). – С.25-32.

[39.А]. Ализода Б. П. Дипломатия ва этикети дипломатӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми ДТИХД ҶТ(маҷаллаи илмӣ), №1, 2010. С.27-36.

[40.А]. Ализода Б. П. Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода // Паёми ДТИХД ҶТ (маҷаллаи илмӣ), ISSN 2079-6919 №3, – Душанбе, 2010. –С.10-19.

[41.А]. Ализода Б. П. Масоили поквиҷдонӣ дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ [Матн] / Ҳ. Нуриддинов, Б.П. Ализода // Масъалаҳои рӯзмарраи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ (Маводҳои конференсияи I Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 15-16 октябри соли 2009. – Душанбе, 2010-268с. – С.257-268.

[42.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода, Р.З. Ҷӯраев // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ)– Душанбе, 2010. №2 (14). – С.151-160.

[43.А]. Ализода Б. П. Парчами миллӣ – рамзи давлату давлатдорӣ [Матн] / Б.П. Ализода, Р.З. Ҷӯраев // Паёми ДТИХД ҶТ.– Душанбе, 2011. №1. – С. 2-9.

[44.А]. Ализода Б. П. Государственная политика Республики Таджикистан по формированию национального единства в стране: достижения и перспективы [Текст] / Б.П. Ализода // Вестник Академии управления при Президенте Кыргызской Республики. – Бишкек, 2011. №14. – С.49-53.

[45.А]. Ализода Б. П. Ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ [Матн] / Б.П. Ализода. // Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат (Маводҳои конференсияи II Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 23-24 сентябри соли 2010). – Душанбе, 2011.-268с. – С.85-91.

[46.А]. Ализода Б. П. Такомули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Б.П. Ализода. // Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон: назария, амалия ва инноватсия (Маводҳои конференсияи III Душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, Душанбе, 10-11 ноябри соли 2011). – Душанбе: «Ирфон», 2012. –225с. – С. 56-60.
[47.А]. Ализода Б. П. Марҳилаҳои ташаккул ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони навин [Матн] / Б.П. Ализода // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2014. №1. – С.130 -138.
[48.А]. Ализода Б. П. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. –Душанбе, “матбааи Донишгоҳи милии Тоҷикистон”. 2019. – С. 226-236.
[49.А]. Ализода Б. П. Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ омили муҳими рушди ҷомеа [Матн] / Б.П. Ализода // Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ (Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ, – Душанбе, 16-17 октябри 2014) 2015. – С.55-62.
[50.А]. Ализода Б. П. Проблемы и пути реализации Национальной стратегии развития Таджикистана на 2030 годы [Текст] / Б.П. Ализода // Стратегическое управление: теория, практика и проблемы: материалы XVII Межрегиональной научно-практической конференции 17 января 2020 г.–Владимир. 2020.–С.9-14.
[51.А]. Ализода Б. П. Становление правовых основ государственной службы и правовой культуры в Республике Таджикистан [Текст] / Б.П. Ализода // Ученые записки. Научно-практический журнал РАНХиГС. №1(33). – Владимир, 2020. – С.17-23.
[52.А]. Ализода Б.П. Эмомалӣ Раҳмон-асосгузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар замони Истиқлол [Матн] / Б.П. Ализода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Такмили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ: таҷрибаи байналмилалӣ ва кишварҳои ИДМ”. – Душанбе, 2019. – С.100-114.
[53.А]. Ализода Б. П. Такмили идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода //Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он”, 5-6 марти соли 2021. –Душанбе, 2021. – С. 247-252.
[54.А]. Ализода Б. П. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ислоҳот ва таҳкими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / Б.П. Ализода // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. –Душанбе: “Фасл-4”, 2021. – С.54-73.
[55.А]. Ализода Б. П. Татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлоли кишвар [Матн] / Б.П. Ализода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ” 21-23 апрели соли 2021; – Душанбе, 2021. – С.37-44.

[56.А]. Ализода Б. П. Ташаккул ва рушди худидоракунии маҳаллӣ: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон [Матн] / Б.П. Ализода // Маводи Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, амалия ва дурнамои рушд» (8-9 октябр), –Душанбе, 2021. – С.81-94.
[57.А]. Ализода Б. П. Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экология [Матн] / Б.П. Ализода // Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 ноябри соли 2021. –Душанбе. – С.83-92.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Ализода Бахриддини Пирмухаммада на тему «Становление и развитие государственного управления в Таджикистане (1917–2015 гг.)» на соискание ученой степени доктора исторических наук по специальности 07.00.02 – отечественная история (история таджикского народа).**

**Ключевые слова:** Таджикистан, государственное управление, государственная служба, Революционный комитет, наркоматы, Советы, Центральный Исполнительный Комитет, Съезд Советов, Совет Народных Комиссаров, реформа, органы управления, конституция, конституционная реформа, президентское правление, правительство, представительные органы, исполнительные органы, государственность.

В диссертации Ализоды Бахриддини Пирмухаммада анализируются вопросы становления и развития государственного управления в Таджикистане в период 1917–2015 гг. Автор отмечает, что поначалу новые формы государственного управления с установлением советской власти Средней Азии стали использоваться в северных районах Таджикистана и на Памире, которые с 1918 г. входили в состав Туркестанской АССР. В центральных же и южных районах Таджикистана (бывшая Восточная Бухара) эти формы управления стали закрепляться с октября 1920 г. с образованием Бухарской Народной Социалистической Республики, в которой органы управления формировались также на основе советской модели государственного управления.

Автор подчеркивает, что в Восточной Бухаре в этот период еще продолжалась гражданская война, и вся государственная власть принадлежала Чрезвычайной диктаторской комиссии (ЧДК).

В диссертационном исследовании глубоко анализируется процесс формирования государственного управления, который ускорился в результате проведенного в Средней Азии национально-государственного размежевания и создания Таджикской АССР. В тот период временным высшим чрезвычайным органом государственной власти республики был Ревком. В декабре 1926 г. на первом Учредительном съезде Таджикской АССР были созданы Центральный Исполнительный Комитет (ЦИК) Советов, Совет Народных Комиссаров (СНК – Правительство) и органы государственного управления Таджикской АССР.

В дальнейшем, после образования самостоятельной Таджикской союзной республики в составе СССР в ее системе государственного управления, особенно в системе исполнительных органов государственной власти произошли существенные изменения, и органы управления (наркоматы) были приведены в соответствие с требованиями союзной республики.

В диссертации отмечается, что система государственного управления и органы управления республики постоянно совершенствовались, и в результате эффективной деятельности органов государственной власти Таджикская ССР в 60-80-е годы XX в. достигла больших успехов во всех сферах общественной жизни.

В работе подвергаются комплексному широкому изучению и проблемы реформирования государственного управления в независимой Республике Таджикистан. Автор подчеркивает, что в период государственной независимости высшие органы государственной власти и органы управления кардинально трансформировались. Свою роль в этих изменениях сыграли глобализационные процессы и современные вызовы человечества.

Автор отмечает, что после принятия в 1994 г. новой Конституции Таджикистана высшие органы государственной власти страны формировались и действовали уже с учетом требований политической жизни республики. В дальнейшем после достижения мира и национального согласия, в результате конституционной реформы в системе государственного управления Таджикистана произошли существенные изменения, а именно органы управления были приведены в соответствие с требованиями времени.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2015)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, Кумитаи инқилобӣ, комиссариатҳои халқӣ, Шӯроҳо, Кумитаи иҷроия марказӣ, Анҷумани Шӯроҳо, Шӯрои Комиссарони Халқӣ, ислоҳот, мақомоти идоракунӣ, Конститутсия, ислоҳоти конститутсионӣ, идоракунии президентӣ, ҳукумат, мақомоти намояндагӣ, мақомоти иҷроия, давлатдорӣ.

Дар диссертатсияи Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад масъалаҳои ташаккул ва рушди идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1917-2015 таҳлил гардидаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки сараввал шаклҳои нави идоракунии давлатӣ, бо ҷорӣ гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар Осиёи Миёна, дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон ва дар Помир, ки аз соли 1918 ба ҳайати ҶМШС Туркистон шомил гардиданд, мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон (собиқ Бухорои Шарқӣ) бошад, чунин шаклҳои идоракунӣ аз моҳи октябри соли 1920, бо таъсис ёфтани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро оғоз гардид ва мақомоти идоракунӣ дар  дар асоси модели шӯравии идоракунии давлатӣ ташаккул ёфтанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар Бухорои Шарқӣ дар ин давра ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба Комиссияи Фавқулодаи Диктаторӣ (КФД) тааллуқ дошт.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ ҷараёни ташаккули идораи давлатӣ, ки дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна ва ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба амал омад, амиқтар таҳлил карда шудааст. Дар он давра мақоми олии фавқулодаи муваққатии ҳокимияти давлатӣ Кумитаи Инқилобӣ буд. Моҳи декабри соли 1926 дар Иҷлосияи якуми муассисони ҶМШС Тоҷикистон Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳо (КИМ), Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ - Ҳукумат) ва мақомоти идоракунии давлатии ҶМШС Тоҷикистон ташкил дода шуданд.

Минбаъд,  пас аз таъсиси  ҷумҳурии мустақили шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС, дар низоми идоракунии давлатии он, махсусан дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дигаргуниҳои назаррас ба вуқӯъ омаданд ва мақомоти идоракунӣ (комиссариатҳои халқӣ) ба талаботи ҷумҳурии мустақили шӯравӣ мутобиқ гардонида шуданд.

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки низоми идоракунии давлатӣ ва мақомоти идоракунии ҷумҳурӣ пайваста такмил дода мешуд ва дар натиҷаи фаъолияти самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 60-80-уми асри XX дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муваффақиятҳои калон ба даст овард.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳлил ва мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракунӣ ба куллӣ тағйир ёфтанд ва раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои  муосири инсоният ба такмили низоми идоракунӣ таъсири худро гузоштанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки пас аз қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон дар соли 1994 мақомоти олии ҳокимияти давлатии кишвар бо назардошти талаботи ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ ташаккул ва фаъолият мекарданд ва дар оянда, пас аз ба даст овардани истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ, дар низоми идоракунии давлатии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд ва фаъолияти мақомоти идоракунӣ ба талаботи замон мутобиқ гардонида шуданд.

## ANNOTATION

**to the dissertation of Alizoda Bakhriddini Pirmuhammad on "Formation and development of public administration in Tajikistan (1917-2015)" for the degree of Doctor of Historical Sciences, specialty 07.00.02 - national history (history of the tajik people).**

**Keywords:** Tajikistan, public administration, civil service, Revolutionary Committee, People's Commissariats, Councils, Central Executive Committee, Session of Councils, Council of People's Commissars, reform, governing bodies, Constitution, constitutional reform, presidential administration, government, representative bodies, executive bodies, statehood.

The dissertation of Alizoda Bakhriddin Pirmuhammad analyzed the issues of formation and development of public administration in Tajikistan for the period of 1917-2015.

The author notes that first new forms of public administration were used with the introduction of Soviet power in Central Asia, in the northern regions of Tajikistan and in the Pamir, which in 1918 became part of the Turkestan SSR. In the central and southern regions of Tajikistan (formerly Eastern Bukhara), such forms of government began to be consolidated in October 1920, with the establishment of the Bukhara People's Socialist Republic. Also, the governing bodies there were formed on the basis of the Soviet model of public administration.

The author emphasizes that civil war was raging in Eastern Bukhara during this period, and that all state power belonged to the Extraordinary Dictatorship Commission (EDC).

The dissertation research analyzes in more depth the process of the formation of public administration, which accelerated as a result of the national-state demarcation carried out in Central Asia and the creation of the Tajik Autonomous Soviet Socialist Republic. At that time, the Revolutionary Committee was the temporary supreme body of state power in the republic. In December 1926, at the first Constituent Congress of the Tajik ASSR, the Central Executive Committee (CEC) of the Soviets, the Council of People's Commissars (CPC - Government) and government bodies of the Tajik ASSR were created.

Subsequently, after the formation of the independent Tajik Soviet Republic within the USSR, significant changes took place in its system of public administration, especially in the system of executive bodies of state power, and the governing bodies (people's commissariats) were harmonized with the requirements of the soviet republic.

The dissertation notes that the system of public administration and governing bodies of the republic were constantly being improved, and as a result of the effective activity of the state authorities in the 60-80s of the twentieth century Tajik SSR achieved great success in all spheres of public life.

The work is subject to a comprehensive and broad study of the problems of reforming public administration in the independent Tajikistan. The author emphasizes that during the period of state independence, the highest bodies of state power and governing bodies have completely transformed. Globalization processes as well as modern challenges of mankind have also played a role in these changes.

The author emphasizes that after the adoption of the new Constitution of Tajikistan in 1994, the supreme bodies of state power of the country were formed and acted taking into account the requirements of the political life of the republic, and later, after the achievement of peace and national accord as a result of the constitutional reform, significant changes took place in the system of public administration of Tajikistan and the and the governing bodies were brought in line with the requirements of the time.

Сдано в набор 15.03.2022 г. Подписано в печать 12.04.22.
Бумага офсетная. Формат 60х841. Услов. печ. л.3.9.
Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии АГУ при Президенте РТ.
Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир-33.